ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj **Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***
www.kgu.tj **№9 (261) 30 октябри 2017, душанбе (оғози нашр: соли 1994)**

## НУРИДДИН РАҲМОН

## деҳқоне, ки ҳама дӯсташ медоштанд



*Дунё бефавост ва касе абадӣ дар ин ҷо буда наметавонад. Инсонҳои хуб ва наҷиб бармаҳал дунёро тарк мекунанд. Танҳо номи наку мемонаду халос.*

*Таърихи 7-уми октябри соли ҷорӣ бародари калонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Нуриддин Раҳмон дар синни 67-солагӣ аз олам чашм пӯшид ва рӯзи 8-уми октябр дар зодгоҳаш-ноҳияи Данғара дар оромгоҳи Мавлоно Тоҷиддин дар паҳлӯи мазори волидонаш ба хок супурда шуд.*

(Идомааш дар саҳ. 9)

### ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ - ШОИРИ ВАҲДАТСАРО



### УСТОД АЙНӢ МОРО ТАНЗИМИ ЗИНДАГӢ МЕОМӮЗАД



### ММТ: УМЕД, БОВАРӢ ВА ГОМИ УСТУВОР ДАР РОҲИ ДОНИШҶӮ ШУДАН



### ДАСТАИ ВАРЗИШГАРОН СОҲИБИ ҶОМ ШУД!



### ЭЪЛОН: "ВОЛИДОН ФУРӮХТА МЕШАВАНД"



### ҶАРО ИНСОНҲО БАД МЕШАВАНД?



### ҶАВОНЕ, КИ БАР ЗАММИ МУШКИЛОТ БА ҲАДАФАШ РАСИД!



*Пойи саг бӯсид Маҷнун, халқ гуфтандаш: Чӣ суд?
Гуфт: Ин саг гоҳ-гоҳе кӯйи Лайлӣ рафта буд.*

Анвори дониш
№9 (261) 30 октябри 2017

# ТАШРИФИ НАМОЯНДАИ СММ

***Рӯзи 16.10.2017 дар "Толори фарҳангӣ"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштироки намояндагони минтақавии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Кӯлоб конфронси илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Ҳадафҳои рушди устувор: 2016-2030" гузаронида шуд. Дар ин конфронс омӯзгорони донишгоҳ низ ҳузур доштанд.***




Бо сухани ифтитоҳӣ ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика ва математика, профессор Абдулло Ҳабибулло баромад намуд. Баъдан, роҳбари минтақавии СММ дар шаҳри Кӯлоб Гулиев Абдулло суханронӣ намуданд.

Инчунин, декани факултаи молиявию иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Мирсаидов Муҳаммаднаим дар мавзӯи "Рушди иқтисодии деҳот дар шаҳри Кӯлоб" маърӯза намуданд. Ғайр аз ин, сармутахассиси СММ дар шаҳри Кӯлоб оид ба идоракунӣ Ҳилолиддин Собитов низ оид ба "Ҳадафҳои рушди устувор: 2016-2030" маърӯзаи илмӣ намуданд.

Дар охир аз тарафи донишҷӯён ду даста бо номҳои "Пешсаф" ва "Пайкон" ташкил шуда, байнашон викторина баргузор гардид ва ғолибон бо тӯҳфаҳо қадрдонӣ шуданд.

# МАҲФИЛИ ЗАРИФОН

Таърихи 21.10.2017 дар "Толори фарҳангӣ"-и Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ озмуни "Маҳфили зарифон" бахшида ба Соли ҷавонон байни факултаи физика ва математика ва тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ гузаронида шуд. Маҳфил аз саломнома, суруди якка, рақс, саҳнача, тақлид ва саволу ҷавоб иборат буд. Донишҷӯён санъату маҳорати худро баҳри ҳакамон ва ҳозирин нишон доданд. Ҳангоми ҷанбаст бо гирифтани 137 хол факултаи физика ва математика ғолиб гардид ва ба даври минбаъда роҳ ёфт.



# ТАШРИФИ ТЕАТРИ ДАНҒАРА

Рӯзи 8.10.2017 ҳунармандони Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ташриф оварданд. Онҳо намоишномаи худро таҳти унвони "Дилҳои пуралам" дар "Толори фарҳангӣ"-и донишгоҳ ба омӯзгорону донишҷӯён пешкаш намуданд. Ин намоишнома аз тарафи тамошобинон хуб пазируфта шуд.

Дар охир ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика ва математика, профессор Абдулло Ҳабибулло аз номи садорати донишгоҳ ба ҳунармандон изҳори сипос намуданд.

# МАҶЛИСИ ВОЛИДОН



Ба хотири устувории робитаи волидайни донишҷӯён бо ҳайати омӯзгорони донишгоҳ дар "Толори фарҳангӣ"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таърихи 17.10.2017 маҷлиси якҷояи падару модарони донишҷӯёни факултаи молиявию иқтисодӣ бо иштироки садорати факулта, омӯзгорону донишҷӯён ва доираи васеи волидайн баргузор гардид.

Дар раванди суханрониҳо гуфта шуд, ки таълиму тарбияи дурусти фарзанд яке аз вазифаҳои асосии волидайн ба ҳисоб рафта, ҳар як падару модарро мебояд, ки ҷиҳати иҷрои ин рисолати пурмаҳсули ба зиммадошташон масъулияти ҷиддӣ эҳсос намуда, таълиму тарбияро ҳамаҷониба дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд, зеро тақдири оянда фарзандон ва ҷомеа аз раванди таълиму тарбияи волидайн ва омӯзгорон вобастагии амиқ дорад.

Дар маҷлиси мазкур декани факулта номзади илмҳои иқтисодӣ Мирсаидов Муҳаммаднаим ва дигар омӯзгорон баромад намуданд.



# ДАСТАИ ВАРЗИШГАРОН СОҲИБИ ҶОМ ШУД!

Бо ташаббуси Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи миллии ҷиу-ҷитсуи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 21-22-юми октябри соли ҷорӣ мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба Ҷиу-Ҷитсу бахшида ба Соли ҷавонон ва 26-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин мусобиқа дастаи варзишгарони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иштироки фаъолона намуд.

Ду донишҷӯи донишгоҳ дар ин мусобиқа сазовори ҷойи 1-ум гардида, дастаи донишгоҳ соҳиби Ҷоми мусобиқа шуд. Каримов Хизралӣ, дар вазни 70 килограмм ва Муродов Фазлиддин, донишҷӯйи факултаи иқтисод ва идора дар вазни 65 килограмм барои ишғол намудани ҷойи 1-ум аз рӯи намуди варзиши мазкур сазовори Дипломи дараҷаи 1-ум гардиданд.

**Маъмурияти донишгоҳ ва ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" Хизралӣ ва Фазлиддинро ба ин дастоварди варзишиашон табрик намуда, ба онҳо саломатӣ ва комгориро таманно доранд.**



# СОБИҚ ДЕКАНҲО ИФТИХОРНОМА ГИРИФТАНД!

Рӯзи 23.10.2017 се нафар омӯзгорони донишгоҳ Холиқова Зайналбӣ, мудири кафедраи адабиёти тоҷик бо методикаи таълими он, Бобоев Сафар, саромӯзгори кафедраи биология ва Шералиева Садбарг, мудири кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ, ки чанде роҳбарии факултаҳоро ба ӯҳда доштанд, барои саҳми арзанда гузоштан дар таълиму тарбияи насли ҷавон ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятию сиёсии донишгоҳ бо ифтихорномаи ректори донишгоҳ мушарраф гардиданд.

# 40-СОЛАГИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ШАРАФ АЗИЗОВ

Рӯзи 21.10.2017 дар "Толори фарҳангӣ"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба 40-солагии фаъолияти эҷодии Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари ансамбли "Орзу"-и назди бахши фарҳанги шаҳри Кӯлоб устод Шараф Азизов чорабинии идона баргузор гардид.

Чорабинӣ бо сухани ифтитоҳии ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика ва математика, профессор Абдулло Ҳабибулло оғоз ёфт. Эшон дар бораи устод Шараф Азизов суханҳои арзишманд гуфтанд. Дар чорабинӣ устодону донишҷӯёни факултаҳо ширкат варзиданд. Ансамбли "Орзу" барномаи омоданамудаашро таҳти унвони "Шукри Худо" пешкаши устодону донишҷӯён намуданд. Барномаи фарҳангӣ табъи иштирокчиёнро болида намуд.



# ЧОРАБИНӢ ДАР ХОБГОҲ

Рӯзи 18.10.2017 садорати факултаи филологияи рус аз ҳолу аҳволи донишҷӯёни хобгоҳ хабардор шуданд. Инчунин, бо ташаббуси факулта дар китобхонаи хобгоҳ барномаи илмӣ-фарҳангӣ гузаронида шуд. Дар чорабинӣ донишҷӯён бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намуданд. Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ аз тарафи донишҷӯён суруду тарона пешкаши ҳозирин гардонида шуд, ки аз ин иқдоми факултаи филологияи рус донишҷӯёни хобгоҳ шод гардиданд.

*Набояд рафт андар сояи шахси дигар ҳаргиз,*
*Ки умре меравӣ охир надида сояи худро…*

*Ғоиб Сафарзода*



# ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ - ШОИРИ ВАҲДАТСАРО



*Нодира АШӮРОВА,*
*номзади илмҳои филологӣ,*
*дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик*

Ҷалолуддини Балхӣ (ё Ҷалолиддини Балхӣ) яке аз орифони бузург мебошад, ки бо забони зебои форсӣ сухансарой кардааст.

Бузургдошти Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро чун гиромидошти дигар мутафаккирони бузург, метавон чун меваи пурбори истиқлолияти давлатии тоҷикон ва сарварии кишварро ба уҳда доштани шахсияти волои илму фарҳанг, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шумурд. Гувоҳи ин бо номи Ҷалолуддини Балхӣ унвонгузорӣ кардани ноҳия, таҷлили рӯзи мелоди ӯ, бозчопи осори пурбаҳо ва омӯзиши зиндагӣ ва эҷодиёташ дар муассисаҳои таълими миёна ва муассисаҳои олии кишвар мебошад.



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи бузургдошти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ гуфтаанд, ки "Орифи бузург Мавлонои Румӣ дар тамоми Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст".

Вақте ки Созмони Милали Муттаҳид соли 2007 бузургдошти Мавлонои кабирро ихтисос дод, кишварҳои ҷаҳон мисли Туркия, Эрон, Афғонистон, Фаронса, Италия ва дигар кишварҳо барномаҳое барои гиромидошт ва бузургдошти ҳаштсадумин солгарди мелоди суфии покманиш баргузор намуданд. Хурсандиовар аст, ки ин барномаҳо то ба ҳол идома доранд ва ин силсилабарномаҳо дар ҳамаи ҳавзаҳои фарҳангию адабии ҷаҳон доир мешаванд.

Ақидаҳои Мавлони Ҷалолуддини Балхӣ асосан дар чаҳорчӯбаи фаҳмиши тасаввуфӣ бар он аст, ки "Асоси ҳастӣ Худои таъоло аст ва боқӣ мавҷудот дар баробари ҳастии ӯ вуҷуд доранд". Ақидаи "Ваҳдати вуҷуд" бар ин поя аст, ки Худои таъоло вуҷуди кулл аст ва ҳеҷ чиз ғайр аз ӯ вуҷуди воқеӣ надорад ва ҳастии ашё вобаста бар ҳастии ӯст ва ба сони сояест аз меҳри вуҷуди ӯ, ки бақояш баста ба нур аст. Ин баробарии Холиқу Махлуқ ишора медиҳад, ки инсон иборат аз зарраи бемиқдоре нест, балки дорои иродаи мухтор ва озоди амал аст ва аз ин рӯ масъули аъмолу кирдори хеш аст ва бояд дар тарбияи нафс бошад, ки он дар натиҷаи сулуки тариқат ба даст меояд. Он сулуки душвору ранҷоварест, ки ба воситаи пиру муршиди рӯҳонӣ роҳнамоӣ мешавад. Ин сулук дар роҳи васл аз душвориҳову фазилатҳое ба монанди тавозуъ, бурдборӣ, ҳамдардӣ ба даст меояд, ки сипас метавон худро ба васли Ҳақ бирасонад.

Ба ақидаи Мавлоно одамӣ аз марҳилаҳои гиёҳу ҳайвонӣ гузашта ба марҳилаи инсон расидааст ва пас аз марг аз ин марҳила ҳам тараққӣ меҷӯяд то ба мақоми малакут ва марҳилаи камол бирасад ва дар вуҷуди Бори Таъоло ба ваҳдат ноил гардад.

Ҷалолуддини Балхӣ тариқати расидан ба ин мартабаро дар "Маснавии маънавӣ" бо мисолҳои ҷолибе ба тасвир мерасонад, ки кас аз маъниҳои тасаввуфӣ, метавонад бардоштҳои хикматомези зиндагӣ дошта бошад. Ончуноне ки дар баёни ҳамдилии аҳли тасаввуф барои расидан ба ваҳдати вуҷуд, достони чор касоне ки яке араб, дигаре форс севум юнонӣ ва чаҳорум турк буданд ва байни худ баҳс доштанд, ки форс мегуфт меваи "ангур" ширин аст, араб иддао дошт, ки "на, инаб" ширин аст, турк мегуфт "узум" ва юнонӣ " истофил" ширин аст. Онҳо байни худ пархош доштанд, то замоне, ки пири хирадманде аз он ҷо гузашта, барояшон мефаҳмонад, ки шумо ҳар чор як чизро мехоҳед, вале дар забони гуфтори шумо он мева бо номҳои гуногун ёд мешаванд:

*Чор касро дод марде як дирам,*
*Он яке гуфт: "Ин ба*
*ангуре диҳам".*
*Он яке дигар араб буд, гуфт "Ло,*
*Ман инаб хоҳам на*
*ангур, эй даго!"*
*Он яке турке буду гуфт*
*: "Ин банум,*
*Ман намехоҳам*
*инаб, хоҳам узум".*
*Он яке румӣ бигуфт: "Ин қилро,*
*Тарк кун, хоҳем истофилро".*
*Дар танозӯъ он нафар*
*ҷангӣ шуданд,*
*Ки зи сирри номҳо ғофил буданд.*
*Мушт бар ҳам*
*мезаданд аз аблаҳӣ,*
*Пур буданд аз ҷаҳлу*
*аз дониш тиҳӣ.*

Мавлоно чунин хулоса мекунад:

*Ҳамзабонӣ хешиву пайвандӣ аст,*
*Мард бо номаҳрамон*
*чун бандӣ аст.*
*Эй, басо, ҳиндуву турки*
*ҳамзабон,*
*Эй, басо, ду турк чун бегонагон.*
*Пас забони маҳрамӣ*
*худ дигар аст,*
*Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ*
*беҳтар аст.*
*Ғайри нутқу ғайри имову сиҷил,*
*Садҳазорон тарҷумон*
*хезад зи дил.*

Чунон ки дар боло ишора рафт, ғояи ягонагиву низоми тавҳид, ки Мавлоно пеш меронад, сар зада, аз фалсафаи ирфон ва ваҳдати вуҷуд аст. Ваҳдате, ки ҳамаро фаро мегирад ва моҳияти кӯчаки маҳаллу миллат ва деҳу шаҳрро аз байн мебарад ва дӯстиву рафоқати куллро дар ҷомеа ва ҷаҳон тавлид месозад.

Дар тамоми қиссаҳои дилошӯби "Маснавии маънавӣ" ишорае ба ваҳдату ҳамбастагӣ ва пайванди маънавию рӯҳонӣ меравад. Ғазалиёти Мавлоно низ таҷассумгари рӯҳи ягонагӣ ва ҳамбастагист:

*Ишрате, ҳаст, дар ин*
*кӯй саломат доред,*
*Давлате ҳаст, ҳарифон*
*сари давлат доред.*
*Чун шакарякдилу оғуштаи*
*ин шир шавед,*
*Ки зарифеду латифеду*
*накӯмиқдоред.*

Мавлоно аз ҷумлаи бузургони адаби форсӣ - тоҷикист, ки мансуб ба як кишвар, миллат, маҳдудаи ҷуғрофиёӣ набуда, бо баҳрагирӣ аз манобеи шариат ва тариқат ҳамвора рӯй бар сӯйи ҳақиқати илоҳӣ оварда ва ойину динҳову мазҳабҳои дигар миллатро ситоиш, эҳтиром ва тақдир кардааст ва дарк намудааст. Ҳамин аст, ки имрӯз Мавлоно серхондатарин шоири форсигӯ ва осораш сернусхатарин китоб дар Амрикост ва чанд сол пеш осори Мавлоно дар Амрико Китоби Сол эълом гардида буд. Чунин нақле аз донишманди Эрон Атоуллоҳи Тадаюнӣ аст, ки вақте тобути Мавлоноро ба мазораш мебурданд, аз пушти тобут издиҳоми бузурге мерафт, ки дар ин издиҳом габру тарсо, яҳудиву мусалмону бутпарастон бо ҳам омехта буданд, ҳама гирёну нолон ва бо сарҳои бараҳна мерафтанд ва ҳар қавм дуою муноҷоти худро аз Қуръону Инҷил, Тавроту Забур мехонд ва ҳеҷ мусулмоне ё орифе аз ҷомеаи Ҷалолуддини Румӣ дар ин ҳузури одамони кешу мазҳаби бегона халал намеовард.

Воқеан ҳам бояд осори Мавлоно чун шаҳсутуни ваҳдат ва ягонагӣ қабл аз ҳама барои тоҷикон хидмат бикунад. Ҷомеаи мо ба он ниёз дорад, ки аз майи рӯҳонии Мавлоно нӯши ҷон бикунад ва бунёди дӯстиро дар асоси гуфтаҳои ин орифи раббонӣ бирезад. Имрӯз даъвати рӯҳонии Мавлоноро, ки ба ваҳдати вуҷуд мехонад, ба ваҳдати миллии тоҷикон ташбеҳ додан лозим аст.

## • Шеъри рӯз



Мавлоно Ҷалолуддин
Муҳаммади БАЛХӢ

### НАҚШБАНДИ ҶОН...

*Нақшбанди ҷон, ки ҷонҳо ҷониби ӯ моил аст,*
*Оқилонро бар забону ошиқонро дар дил аст.*
*Он, ки бошад бар забонҳо "Ло уҳиббул-офилин" (1),*
*"Боқиётус-солиҳот" (2) аст он, ки дар дил ҳосил аст.*
*Дил мисоли осмон омад, забон ҳамчун замин.*
*Аз замин то осмонҳо манзили бас мушкил аст.*
*Дил мисоли абр омад, синаҳо чун бомҳо.*
*В-ин забон чун новадон, борон аз ин ҷо нозил аст.*
*Об аз дил пок омад то ба боми синаҳо,*
*Сина чун олуда бошад, ин суханҳо ботил аст.*
*Ин худ он касро бувад, к-аз абри ӯ борон чакад.*
*Бом, к-ӯ аз абр гирад, новадонаш қоил аст.*
*Он, ки бурд аз новадони дигарон, ӯ сориқ аст,*
*Он, ки дуздад обибоми дигарон, ӯ ноқил аст.*
*Ҳар, ки рӯяд наргиси гул з-оби чашмаш, ошиқ аст,*
*Ҳар, ки наргисҳо бичинад, дастабанди омил аст.*
*Гарчӣ кафҳои тарозу шуд баробар вақти вазн,*
*Чун забона(а)ш рост набвад, он тарозу моил аст.*
*Ҳар, ки пӯшидаст бар вай ҳолу ранги ҷони ӯ,*
*Ҳар ҷавобе, ки бигӯяд, ӯ ба маънӣ соил аст.*
*Гар табибе ҳозиқе ранҷурро талхӣ диҳад,*
*Гарчӣ золим менамояд, нест золим! Одил аст!*
*По шиносад кафши хеш, арчӣ ки торикӣ бувад,*
*Дил зӣ роҳи завқ донад, к-ин кадомин манзил аст.*
*Дар дилу киштии Нӯҳ афкан дар ин тӯфон ту хеш,*
*Дил матарсон, эй бародар, гарчӣ манзил ҳоил аст!*
*Ҳар киро хоҳӣ шиносӣ, ҳамнишинашро нигар!*
*З-он, ки муқбил дар ду олам ҳамнишини муқбил аст.*
*Ҳар чӣ бар ту нохуш ояд, он манеҳ бар дигарон!*
*З-он, ки ин хӯву табиат ҷумлагонро шомил аст.*
*Панбаҳо дар гӯш кун, то нашнавӣ ҳар нуктае!*
*З-он, ки рӯҳи содаи ту зангҳоро қобил аст.*
*Ҳар, ки рӯҳаш аз ҳавои ҳафтумин бигзашт, раст.*
*Мехур аз анфоси рӯҳи ӯ, ки рӯҳаш бисмил аст.*
*Ин ҳаво андар камин бошад, чу бенад берафиқ.*
*Мардро танҳо бигӯяд: Ҳин, ки мардак ғофил аст!*
*Васл хоҳӣ - бо касон биншин, ки эшон восиланд!*
*Васл аз он кас хоҳ, боре, к-ӯ ба маънӣ восил аст!*
*Гирди мастон гард, агар май кам расад, бӯе расад!*
*Худ мазоқи май чӣ донад он, ки марди оқил аст?!*
*Нуктаҳоро ёд мегирӣ - ҷавоби ҳар суол,*
*То ба вақти имтиҳон гӯянд: Марди фозил аст!*
*Гар бинатвонӣ зӣ нақси худ шудан сӯи камол,*
*Шамси Табрезӣ кунун андар камолат комил аст.*

*(1): "Ғурубкунандагонро дӯст надорам", сухани Иброҳим (а) (Қуръони Карим, с. Анъом-76)*
*(2): Некиҳои мондагор (Қуръони Карим, с. Каҳф-46; с. Марям-76)*
*"Девони Шамс" Ғазалиёт, ғазали 402*

*Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,*
*Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак!* Ҳофиз

Анвори дониш
№9 (261) 30 октябри 2017

# УСТОД АЙНӢ МОРО ТАНЗИМИ ЗИНДАГӢ МЕОМӮЗАД



*Шамшоди ҶАМШЕД,*
*ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик бо методикаи таълими он*

Халқи тоҷик дар байни дигар қавму миллатҳо ҳамчун халқи фарҳангдӯсту озодандеш ва соҳибтамаддун шинохта шудааст, ки боиси ифтихору сарфарозист.

Баъди мустақилияти комили сиёсиро соҳиб гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва ҷашну маросимҳои мардумиро ба танзим даровардан лозим омад. Зеро аксарияти мардум дар баргузории ин гуна чорабиниҳо ба хароҷоти зиёдатӣ роҳ медиҳанд. Дар натиҷа муддатҳо аҳволи маишии оила бад шуда, ба гирифтани қарз маҷбур мешуданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ва дигар паҳлуҳои харобовари ҷашну маросимҳоро ба назар гирифта, ин масъаларо ба муҳокимаи васеи шаҳрвандон гузошт ва дар ҷамъбасти он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро қабул кард. Ҳамоно дар зиндагии мардум дигаргуниҳои мусбат пайдо шуд. Акнун аз қабули Қонуни мазкур даҳ сол сипарӣ гашт ва дар ин давра ҷашну маросимҳо то як андоза ба як реҷаи муайян даромад. Мақсади асосии қабули Қонуни зикршуда ҷашну маросимҳоро ба танзим даровардан ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоиву иқтисоди ҳаёти шаҳрвандони кишвари азизамон Тоҷикистон мебошад.

Дар қабул ва амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бағоят бузург мебошад. Маҳз сиёсати хирадмандонаи ин абармарди бузург аст, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон бо ҳам иттифоқ гашта, пайи иҷрои Қонун камари ҳиммат бастаанд. Зеро ҳадаф аз ин як аст - паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини зиндагии осоиштаи мардум.

Ҳарчанд дар самти амалишавии Қонуни мазкур корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст, вале ҳамоно баъзе зиёдаравиҳо дар ҷашну маросимҳои расмию оилавӣ ба назар мерасанд. Ин пеш аз ҳама аз худхоҳӣ ва беандешагии шаҳрвандон дарак медиҳад. Ва ё дарк накардаанд, ки қабули Қонун танҳо барои беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум аст. Аз ҷумла дар моддаи аввали боби якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" гуфта шудааст: "Мақсади Қонуни мазкур аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамояд, иборат аст".

Баъди даҳ соли амали Қонун зарурати тағйиру иловаҳо ба он пеш омад. Ва боз ҳам Ҳукумати кишвар бо дархосту пешниҳодоти мардум рӯ овард, то онро мукаммал гардонид.

Таҳлилҳо нишон дод, ки ҳанӯз ҳам дар баргузории ҷашну маросимҳо исрофкорию зиёдаравӣ роҳ дорад. Яке аз маросими оилавии серхароҷот ва сертараддуд тӯйи домодию арусӣ мебошад. Дар баргузории ин ҷашн зиёдаравию исрофкорӣ аз ҷониби бисёр шаҳрвандон содир мешавад, ки сабаби камбағалӣ ва қарздорӣ мешавад. Пас аз сипарӣ гаштани як-ду моҳ вазъияти оилавии ин гуна оилаҳо бад мешавад ва соҳибҷашн барои пардохти қарз овораю саргардон шуда, агар ҷавон бошад, илоҷро дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебинад. Ин ҳол дар ҷомеаи кунунӣ бисёр мушоҳида мешавад. Кор ба ҷое мерасад, ки бо чунин сабабҳо ҷавонписарон таҳсилро дар муассисаҳои олӣ қатъ мекунанд ва дубора имкони барқарор кардан намеёбанд. Ва бадтар ин аст, ки ба ҷудошавии оилаҳои ҷавон сабаб мешавад.

Аламовараш ин аст, ки мо дари кайҳо кушодаро аз нав кушоданӣ мешавем. Охир ин масъалаҳо кайҳо дар асарҳои безаволи фарҳангпарварону мутафаккирони мо зикр шудааст. 

Саъдии бузург гуфта буд:

***Ба ҳоли касе бибояд гирист,***
***Ки дахлаш 19 бошад харҷаш бист.***

Ҳикмати халқӣ аст, "Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар кун".

Ин гуна мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст. Вале мо дар ин мақолаи кутоҳ аз устод Садриддин Айнӣ - Қаҳрамони Тоҷикистон, ки зиндагии шахсӣ ва ҷамъияташ барои мо намунаи ибрат аст, мисоле оварда, фикри худро дар ин боб ба исбот расониданием.

Асари дар масоили зиндагӣ ягонаи устод Айнӣ ин "Ёддоштҳо"-и ӯ мебошад. Дар асар тамоми масъалаҳои оиладорию рӯзгордорӣ зикр гардидааст. Чун мавзӯи мо танзими анъана ва ҷашну маросимҳо мебошад, далеле аз "Ёддоштҳо"-и устод Садриддин Айнӣ меорем.

Дар қисми сеюми "Ёддоштҳо" устод Айнӣ дар боби "Саёҳати саҳро" аҳволи як оиларо зикр мекунад, ки бо сабаби гирифтани қарз барои хонадор шудани фарзандаш тамоман қашшоқ шуда, аз хонаю дар ва боғ маҳрум мемонад ва зиндагии оилавиашон бадтар мегардад. Нурмуҳаммад се писар дошт ва вазъи оилавиашон хуб буд. Бо гирифтани қарз барои тӯйи ҳаёти пурмоломоли ин оила сар мешавад. Устод Айнӣ ин воқеаро аз забони Нурмуҳаммад овардааст. Нурмуҳаммад баъди ҳаёти хушу хурсандонаи худро ба Айнии ҷавон нақл кардан гардиши воқеаро чунин баён кардааст:

"Аммо он рӯзҳо (рӯзҳои хурсандӣ ва осудагӣ - Ш. Ҷ.) дер давом накард: писари калониро хонадор кардан даркор шуд. Арбоб шуданд, оқсақол шуданд, калону хурд ба миёна даромаданду маҳру тӯёнаи арусро аз ҳад зиёд калон карданд. Ба болои ин байни фотиҳа ва сартӯии никоҳро се сол кашол доданд. Дар муддати ин се сол ҳар иду сайре, ки мешуд, дар бурду оварад ба хонаи арус аз ман баробари он харҷе, ки падарам ба хонадории ман сарф карда буд, пул харҷ мешуд. Аз ман дар он тӯй даҳ ҳазор танга пул рафт, ки се ҳазор тангаи он қарз буд".

Ба ин минвол зиндагии онҳо бо гирифтани қарз ва афзудани харҷи оилавӣ вазнин мешавад. Дар соли дуюми тӯй, ки ҳоло қарзро адо накардаанд, оилаи Нурмуҳаммад бо маслиҳати якдигар писари дуюмро хонадор карданӣ мешаванд. Ин тӯй низ бо пули қарз барпо мегардад, ки бадбахтии зиёдеро барои оила пеш меоварад. Маълум аст, ки он вақт қарзҳо аз судхурон гирифта мешуд ва онҳо бисёр маккор ва беинсоф буданд. Нурмуҳаммад низ ба дасти чунин маккоре афтода буд. Қарзи тӯйи дуюм аз аввала зиёдтар шуда, имкони пардохт ҳам аз аз рафта қариб намонда буд. Воқеро Нурмуҳаммад чунин шарҳ додаст:

"Замона ҳам сахт шуда буд. "Бурду оварад" бисёр шуд. Аловуддин, (касе, ки Нурмуҳаммад аз ӯ қарз гирифтааст - Ш. Ҷ.) базмӣ будааст, ғайр аз созандаҳои шаҳр, аз Вобканду Ғиждувон созанда оварда базми калон кард. Мани бадбахт саргарми тӯй шуда, ҳеҷ чизро ба ҳисоб нагирифтам. Дар охир Аловуддин ҳисоб дод, ки ғайр аз чизҳои аз хонаи худам сарфшудагӣ боз Аловуддин панҷ ҳазор танга қарздор шудаам".

Устод Садриддин Айнӣ зиндагонии ғамангези оилаи Нурмуҳаммадро, ки баъд аз гирифтани қарзи дуюм вазнинтар мешавад, яъне аз панҷ ҳазор то понздаҳ ҳазор танга мерасад, зикр карда, дар охири ин қисса чунин мегӯяд: "Дар тирамоҳ маҷбур мешавам, ки кӯчи худро ба кӯча барорам, чунки понздаҳ ҳазор танга он тараф истад, панҷ ҳазор ҳам ёфта дода наметавонам, - гӯён ҳиққос зада, ба тарафи ҳавлии дарунаш рафт. Гиря гулӯи ӯро гирифта буд".

Ҳадафи ин мисолҳо он аст, ки ҳар як шахс бояд дар зиндагӣ сарфакор ва дурандеш бошад. Зеро зиндагӣ худ пайроҳаи ноҳамворе мебошад, ки агар бо ғайрату дурандеш набошӣ, ба зиндони бадбахтӣ ва нотавонӣ гирифтор хоҳӣ монд.

Боварӣ дорем, ки мардуми бофазлу дурандеши мо ҳақиқати масъаларо мефаҳмад ва дар иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз дилу ҷон мекӯшад.

# БИГИР ДОМОНИ ПИР!

***Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато кардан надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст.***
***Эмомалӣ РАҲМОН***



*Ҳотам НАЗАРОВ,*
*номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи аспирантура ва докторантураи PhD*

Омӯзгорӣ пешаи ифтихорест, ки тамоми касбу вазифаҳои дигар аз он маншаъ гирифтаанд. Аз қадимулаём ба ин касб таваҷҷӯҳи аҳли фаҳм бениҳоят зиёд буд. Ин пеша омӯзгорро водор месозад, ки нисбат ба таълиму тарбияи солими насли наврас бетараф набошад, зеро ояндаи ҳар миллату давалат аз наслҳои солиму тараққикардаи он вобаста мебошад.

Ҳар сол ҳафтаи аввали моҳи октябр ҳамчун Рӯзи омӯзгор дар ҷумҳурӣ ҷашн гирифта мешавад. Аз ин хотир, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромадҳояшон қайд менамоянд, ки дастгирии соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар навбати аввал, аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки аҳли маориф дар рушди нерӯи инсонӣ саҳми бевосита дошта, яке аз қувваҳои пешбаранда ва фаъоли ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад ва гузашта аз ин, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба сатҳи рушди маориф вобастагии мустақим дорад.

Пешвои миллат ҳамчун маорифпарвар пайваста касби омӯзгориро касби боифтихор арзёбӣ намуда, худ ҳамчун як омӯзгори асил ҳамасола оғози соли таҳсилро дар яке аз муассисаҳои олӣ таҳти унвони Дарси сулҳ ибтидо мебахшанд.

Барои ҳар як омӯзгор шарафи бузург аст, ки Пешвои миллаташ бо хиради волои азалиаш дарсашро бо унвони "Дарси сулҳ" оғоз бахшад. Тавре ки бузургони халқи тоҷик гуфтаанд, касби омӯзгорӣ пуршарафтарин касб дар рӯи олам мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, умри бобаракати худро сарфи ҳамин роҳ карданд.

Педагоги намоёни Чех Ян Амос Коменский ба касби омӯзгорӣ баҳои баланд дода, гуфтааст, ки ба муаллим вазифаи беҳтарине супорида шудааст, ки болотар аз он дар зери хуршед чизе буда наметавонад.

Маҳз устод аст, ки меомӯзонаду омӯзанда аст. Вақте мо ба таърихи пурғановати донишмандонамон рӯ меорем, баръало мебинем, ки бузургони мо, махсусан Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав, Садриддин Айнӣ, Лоиқ Шералӣ ва дигарон ба ҳайси омӯзгор фаъолияти илмӣ-адабӣ намуда, бо барномаҳои таълимии худ ҳазорон шогирдонро дарс гуфта, осоре ба ёдгор мондаанд, ки роҳнамои ҳазорон толибилмон мебошанд.

Муаллим-педагоги намоёни форсу тоҷик, орифи Машриқзамин, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ дар ашъори пандуахлоқии худ нисбат ба омӯзгор ва таҳсин намудани ӯ аз ҷониби мардум ёдовар шуда, иброз медорад, ки омӯзгори асил баъди худ шогирдони бакамолрасидаро боқӣ мегузорад. Ӯ фармудааст:

***Неъматулло, ҷон ба***
***ҷонон доду рафт,***
***Бар дари майхона маст***
***уфтоду рафт.***
***Буд устодеву шогирдаш басе,***
***Кард шогирдон ҳама***
***устоду рафт.***

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ дигар ҷо мефармояд, ки навҷавоне гар хоҳад ба мақсуди хеш, яъне дар роҳи илмомӯзӣ, роҳи нек бирасад, албатта ба рафиқию раҳнамоии пир, яъне муршид ниёзманд мебошад.

***Кай расӣ ҳаргиз ба мақсуд***
***дар ин роҳи Худо,***
***Навҷавоне к-андар ин роҳ***
***ҳам рафиқи пир нест.***
***Гар намеёбӣ муроде он ҳам***
***аз тақсири туст,***
***Варна бар даргаҳи ӯ аз ҳеҷ***
***рӯ тақсир нест.***

Шоир чандин сол дар пайраҳаи илм қадам гузошта, устодони зиёдеро хидмат намуда, аз муридӣ ба муршидӣ расидааст. Ӯ мефармояд:

***Аввал мурид будам***
***охир мурод гаштам,***
***Бинмуд офтобе аз соя***
***дар гузаштам.***

Имрӯз ҳам нисбат ба касби омӯзгорӣ ҳамагон эҳтироми хосса доранд. Ҷавонон дар донишкадаю донишгоҳҳои олии ватанамон ҳуҷҷат супорида, ҳамчун омӯзгори оянда тарбия ёфта истодаанд.

*Ҷое, ки барқи исён бар Одами сафӣ зад,
Моро чӣ гуна зебад даъвои бегуноҳӣ?* *Ҳофиз*



# ММТ: УМЕД, БОВАРӢ ВА ГОМИ УСТУВОР ДАР РОҲИ ДОНИШҶӮ ШУДАН



*Худойдоди ИСЛОМ,
донишҷӯи соли 4-уми ихтисоси рӯзноманигорӣ*

Қабл аз таъсиси Маркази миллии тестӣ новобаста аз савияи дониш довталабонро зарур буд, ки бахри донишҷӯ гардидан воситаи муайян, ба таъбире "таҒо"-ву "амак"-ҳои боваринoки худро дошта бошанд. Барои аксарият танҳо пул доштан кифоя буд, ки курсии донишҷӯиро соҳиб шуда, онро банд намоянд. Дар сояи ҳамин кор порадиҳиву тамъҷӯиву амалҳои коррупсионӣ ба ҳаво дакка мехӯрд. Хушбахтона, ин омилҳо дер давом накарда, дар қиболи ин сохтакориву қонунҳои нонавишта муассисае ташкил гардид, ки ба ҳамаи он нуқтаи хатм гузошт. Маврид ба ёдоварист, ки хатмкунандагоне, ки дар соли 2014 то инҷониб мактабҳои миёнаро хатм намудаанд, ба рӯяшон офтоби бахт хандон гардид, зеро он ҳангом Маркази милли тестии назди Президенти ҶТ таъсис ёфт ва имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба макотиби олии кишвар роиҷ гардид. Ин гувоҳи он аст, ки ҷуз савияи дониши имтиҳонсупоранда ба миёнаравҳою ҳаннотон ҳоҷате нест. Ҳар нафар, ки агар донишу заковати худро ба кор барад, бе муҳобо ба мақсад мерасад. Имтиҳонҳои марказ шаффоф буда, низоми вижаи назорат ба роҳ монда шуда, ҳеҷ як сохтакорӣ ба кор намеояд. Ба таъбири дигар қандатро бихӯру якеро кӯмак бикун ё аз касе кӯмак бихоҳ.

Дар интиҳои соли таҳсили 2018 донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳуриро аввалин донишҷӯён, (аслан ҷавонон) духтарону писароне адо мекунанд, ки аввалин шуда тариқи имтиҳонҳои марказонидашудаи ММТ соҳиби шарафи донишҷӯӣ гардида буданд. Нахустин толибилмоне, ки меваҳои боровар ва онҳое, ки бо иқболи баланд супорандагони нахуст имтиҳони маркази тесӣ буданд.

Имсол ҳам чун се соли қаблӣ нуқтаҳои бақайдгирии ММТ-ро фавҷ-фавҷи хатмкунандагони макотиби миёна пур карда буданд. Бо мақсади аз баракати имтиҳонҳои ММТ баҳравар шудан ва соҳиби номи пуршарафи донишҷӯӣ гаштан эшон бо умеду боварӣ ҷаҳду кӯшиш менамуданд.

Таҷрибаҳо гувоҳанд, ки дар муддати ҳамагӣ чаҳор сол, ки ба шумор ҳеҷ аст, ин марказ таво-нист, боварӣ ва эътимоди нафароне, ки ба омӯхтани илму гирифтани дониш дар донишгоҳҳои олӣ завқ доранд, дучанд боло бардорад. Ҳамин аст, ки шумораи довталабон рӯз аз рӯз бештар мегардаду кам не.

Мувофиқи маълумотҳои омории ММТ имсол дар давраи бақайдгирӣ аз 1-уми март то 30-юми апрели соли 2017 аз рӯи панҷ класстери интихобӣ дар маҷмӯъ 95 ҳазору 520 нафар довталаб ба қайд гирифта шуда буд.

1. **Табиӣ ва техникӣ** - нақшаи қабул: 17566 нафар, миқдори довталабон: 14746 нафар, %-муқоисавӣ: -17,93
2. **Иқтисод ва география - нақшаи қабул:** 14516 нафар, миқдори довталаб: 15746 нафар, %-муқоисавӣ: +8,47;
3. **Филология, педагогика ва санъат - нақшаи қабул:** 12128 нафар, миқдори довталабон: 19737 нафар, %-и муқоисавӣ: 62,74;
4. **Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ - нақшаи қабул:** 4564, миқдори довталаб: 10184 нафар, %-и муқоисавӣ: 123,09;
5. **Тиб, биология ва варзиш - нақшаи қабул:** 16164, миқдори довталаб: 35437, %-и муқоисавӣ: 119,23;

**Дар маҷмӯъ нақшаи қабул:** 64939 нафар, миқдори довталабон, 95520 нафар, %-и муқоисавӣ: 47,09.




Қайд кардан ба маврид аст, ки ММТ соли 2013 бо кӯшишу заҳматҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шудааст. Дар рӯзи ифтитоҳи ин муассиса Пешвои миллат дар суханронии худ мақсаду маром, паёмадҳои мусбат ва талаби замон будани ин марказро арзёбӣ намуда, таъсиси онро яке аз ҳадафҳои муҳим ва мақсадноки соҳаи маориф номид. Аз ҷумла, дар маросими кушодашавии ин марказ дар соли 2013 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ чунин иброз намуда буданд. **"Таҷрибаи кишварҳое, ки чунин тартиби қабули имтиҳонҳоро ҷорӣ кардаанд, нишон медиҳад, ки низоми мазкур барои интихоби шогирдони дар ҳақиқат сазовори номи донишҷӯӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва сатҳи азхудкунии дониш, хулоса дар ҷодаи тарбияи кадрҳои баландихтисоси миллӣ нақши муҳим мебозад. Максаду вазифаҳои оинномавии ММТ аз он иборат аст, ки имтиҳонҳои дохилшавӣ дар нуқтаҳои ба макони зисти довталабон наздик шаффоф, обективона ва бо таъмини иштироки баробару озодонаи ҷавонони мамлакат сурат мегирад".**

Ба хубӣ ёд меорам, ки ҳанӯз дар давони таҳсил дар мактаби миёна чун соли хатми мактаб наздик мешуд, мисли аксарияти хонандагон орзуи донишҷӯ шудан бароям мисоли фатҳи баландтарин қулла ва бозёфти нодиртарин ганҷ шумул меёфт. Ин маром то андозае мураккаб буд, чунки "аммо" ва "вале"-ҳо монеи пеши кор мешуданд. Таври маълум ҳар кор ба худ воситае дорад. Агар воқебинона баҳо диҳем, бахусус барои донишҷӯ гаштан "доллар"-у "сомонӣ" ва "рубл" лозим меомад. Ҳарчанд савияи донишам бад набуд, вале он дар муқобили маблағ қувваи ночизе буд. Он замон ҳамин гуна восита бароям қариб дастрас набуд!!! Дуруст ҳам аст, ки поёни шаби сиёҳ сафедист. Орзуи деринтизору ягонаам ба воситаи ММТ амалӣ гардид. Маҳз ҳамин ниҳод буд, ки тақдири минбаъдаи ман (дар маҷмӯъ мо, ки даҳҳо ҳазор танем) дар зинаи олии таҳсилот ҳал гардид. Бо ифтихор метавонам бигӯям, ки банда яке аз аввалин имтиҳонсупорандагон ва довталабоне ҳастам, ки ба воситаи ММТ назди ПҶТ имтиҳон супурда, шарафмандона молики номи донишҷӯӣ гаштам ва ҳоло тариқи ройгон таҳсиламро идома дода истодаам.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз зумраи муасисаҳои олиест, ки аз замони мавҷудияти ММТ донишҷӯён ба василаи имтиҳонҳои он шомили ҳамин донишгоҳ мешаванд.

Тибқи маълумоти маркази матбуотии ДДК (Ҳисобот оид ба кори комиссияи қабул дар соли таҳсили 2017-2018) **"Дар соли таҳсили 2017-2018 тибқи нақшаи қабул ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бояд 1789 нафар донишҷӯён тавассути ММТ назди ПҶТ қабул карда мешуданд. Аз ин шумора 1413 нафар таълими рӯзона, 376 нафар таълими ғоибонаро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумӣ 491 нафар буҷавӣ ва 1298 нафар шартномавӣ мебошанд. Мувофиқи рӯйхати пешниҳоднамудаи ММТ назди ПҶТ дар се давра 1789 нафар донишҷӯён ба донишгоҳ ҳуҷҷат супоридаанд. Дар соли таҳсили 2017-2018 нақшаи қабул дар донишгоҳ пурра иҷро гардидааст".**

Хулоса, дар матлаб ҳадафи аслӣ аз иқболи худ қисса кардан набуду боз ҳам нест, зеро таври маълум ҳазорҳо тани дигарро ин хушбахтии ман насиб гаштаасту эшон низ монанди ман донишҷӯянд ва ҳақ доранд, ки аз ин унвони худ биболанду бифахранд. Аз ин дида шонси бузургтари мувафақтаре буда метавонад? Вақте ки донишҷӯи оияндаро дар имтиҳон на ин ки аз камбағалу доро будан, ҳамёни пуру ҷияни фалонӣ будан, балки аз дониш, малака ва зеҳну заковат (танҳо бо пардохти маблағ ба воситаи расиди бонкӣ) мепурсанду бас!!! Ҳастӣ ва фаъолияти ҳамин марказ пешрафти замон буда, он намунае аз дастгириҳои давлат ва садри муаззами он бахри мо ҷавонон аст.

## СУХАНИ МОНДАГОР

*Луқмони ҲАКИМ*



Зиндагӣ кун ба Худои таъоло ба сидқ, ба нафс ба қаҳр, ба халқ ба инсоф, ба бузургон ба хидмат, ба хурдон ба шафқат, ба дарвешон ба саховат, ба дӯстону ёрон ба насиҳат, ба душманон ба ҳилм, ба ҷоҳилон ба хомӯшӣ, ба олимон ба тавозӯъ (хоксорӣ, фурӯтанӣ), бо ин тариқ ба сар бару бар моли касе тамаъ макун ва чун пеш ояд, манъ макун, лекин чун пеш ояд, ҷамъ макун ва гуфт: се ҳазор калима дар насиҳат навиштаам. Се калима аз он баргузидаам, ду аз он ёд дор ва якеро фаромӯш гардон, яъне роҳи Ҳақ ва маргро ёд дор ва некӣ кардӣ, фаромӯш кун ва некии касро фаромӯш макун ва низ фармудаанд, ки хомӯшӣ ҳафт хосият дорад: 1. Ҳайбате бесалтанат; 2. Ибодате бемеҳнат; 3. Ҳисоре (қалъа) бедевор; 4. Бениёзе беузр; 5. Фароғ (осудагӣ) аз киромулкотибин (фариштаҳое, ки аъмоли неку бадро менависанд); 6. Пӯшидани айбҳо; 7. Зинатест бепироя.

## ПАНҶ ҲИКМАТ

### ҲИКМАТИ ЯКУМ

Рӯзе марди сарватманде ба як бенаво сатили пур аз ахлотро дод, то бурда партояд. Марди фақир бо табассум сатилро гирифту бурд ва ахлоташро партофт, сатилро шуст ва пасон онро пур аз гул карду бозпас овард. Сатили тозаву пур аз гулро ба дасти сарватманд баргардонд.

Марди доро дар ҳайрат афтоду пурсид:

- Ман ку бароят сатили пур аз ахлот додам, пас чаро бароям сатили пур аз гулро бармегардонӣ?

Фақир посух дод:

- Ҳар кас ба дигаре он чиро медиҳад, ки дар дилаш дорад....

**Мантиқ: Он чиро ки ба худ раво намебинӣ, ба дигарон маписанд (ҳадис).**

### ҲИКМАТИ ДУЮМ

Писаре падарашро ба хонаи бепарасторон бурда расонд ва дар аснои баргаштан ба хона дар нимароҳ завҷааш ба ӯ занг заду гуфт:

- Баргард ва ба падарат расон, ки баргашта наояд ва моро ба ҳоламон гузорад, то осуда зиндагӣ кунем.



Писар баргашт ва ба хонаи бепарасторон назди падараш омад, то ҳарфи завҷаашро ба падар расонад. Ҳангоми дохил шудан ба хонае, ки падараш мезист, роҳбари хонаи бепарасторонро ҳамроҳи падараш дид, ки сӯҳбати озод чун ошнои дерина доштанд. Писар аз роҳбари ин корғоҳ пурсид:

- Падари маро аз куҷо мешиносед?

Роҳбар дар ҷавоб гуфт:

- Падаратро 30 сол қабл дар ҳамин макони бепарасторон шинохтам, ки барои харидани фарзанд омада буд!

**Мантиқ: Ҳеҷ шахс ва ё дӯсти сунъӣ ба ту вафо нахоҳад кард.**

### ҲИКМАТИ СЕЮМ

Оҳуе ба назди чашмае рафт, то об бинӯшад. Акси худашро дар об дид, пойҳояш борик ва кӯтоҳ ба назараш омад ва ғамгин шуд. Аммо шоххои баланду зебояшро, ки дид, хурсанду мағрур шуд. Дар ҳамин ҳин чанд шикорчӣ қасди шикори ӯ карданд. Оҳу гурехт. Чун чолок медавид, сайёдон ба ӯ нарасиданд, аммо вақте, ки ба ҷангал расид, шохҳояш ба дарахте банд монд. Сайёдон расиданд ва ӯро бо худ бурданд. Оҳу, ки асир монд, бо худ гуфт:

- Дареғи пойҳоям, ки аз онҳо нохушнуд будам, наҷотам доданд, аммо шохҳоям, ки бо зебогии онҳо меболидам, гирифторам карданд...

**Мантиқ: Чӣ басо гоҳе аз чизҳое ношукрӣ ва гила мекунем, ки бар нафъамон аст ва чизҳое, ки бар он мағрурем, мояи суқут аст...**

### ҲИКМАТИ ЧОРУМ

Дандони солим ғур-ғур кард:

- Аз субҳ то шаб кор мекунам ва ҳеҷ кас аз ман ташаккур намекунад, вале дандонҳои фосидро тилло мегиранд, аз шумо бипурсам: Ин адолат аст?!!! Дандони фосид чӣ кор карда, ки шоистаи ин подош бошад??!!

**Мантиқ: Баъзе ҳолатҳо нокасон болонишин мешаванд ва ё ба ҳадафи шумашон мерасанд, ки ҳикмати инро танҳо Худо медонаду халос...**

### ҲИКМАТИ ПАНҶУМ

Аз девонае пурсиданд:

- Чи касеро бештар дӯст медорӣ?

Девона хандиду гуфт:

- Ишқам.

Гуфтанд:

- Ишқат кист?

Гуфт:

- Ишқе надорам!!

Хандидандy гуфтанд:

- Барои ишқат чи корҳо мекунӣ?

Гуфт:

- Монанди оқилон намешавам, номардӣ намекунам, дурӯғ намегӯям, хиёнат намекунам, танҳояш намегузорам ва худамро фидояш мекунам...

Ба ӯ бигуфтанд:

- Агар ишқат ба ту хиёнат карду дурӯғ гуфт ва танҳоят гузошт чӣ?

Дар чашмони девона ашк аланга заду гуфт:

- Агар ин коро бар ман раво намедиду аз ман ҷудо намешуд, ман девона намешудам.

**Мантиқ: На ҳар кас арзиши муҳаббатро медонад.**

*Таҳияи
Ҷаҳонгир РУСТАМ*

● БАХШИДА БА «СОЛИ ҶАВОНОН»

# ҶАВОНЕ, КИ БАР ЗАММИ МУШКИЛОТ БА ҲАДАФАШ РАСИД!



*Лутфия РАСУЛОВА,*
*саромӯзгор, декани факултаи иқтисод ва идора*

### ҶАВОНӢ

Дар ҷомеаи имрӯзи мо кам ҷавононе ёфт мешаванд, ки барои расидан ба ҳадафи худ то ба анҷом кӯшиш намоянд. Бисёре аз онҳо вақте ба мушкиле рӯбарӯ мешаванд, дигар аз ҳадафашон даст мекашанд, аммо мо дар ин ҷо аз ҷавоне қисса хоҳем кард, ки бо тамоми нерӯву қувваташ бар замми мукилоти зиёд ба ҳадафаш расид. Воқеан ҳам чунин ҷавонон боиси дастгирӣ ва намунаи ибрати дигаронанд. Аҳсант бар чунин шермардони замон!

### ҲОЛНОМА

Каҷкуллоев Абдухолиқ Фатҳулоевич 8-уми марти соли 1989 дар деҳаи Сарёзии миёнаи ноҳияи Кӯлоб дар хонадони ронанда таваллуд шудааст. Иқтисодчӣ-менеҷер, хатмкардаи шуъбаи менеҷменти факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2011). Таҳсил дар ММТУ-и зодгоҳ (1995-2006), донишҷӯ (2006-2011), ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг (2011-2013), ҷонишини декан оид ба корҳои таълимии факултаи иқтисодӣ (2011-2012), аспиранти таълими рӯзонаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2013-2016) ва аз соли 2016 то инҷониб саромӯзгор, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Муаллифи 16 мақолаи илмӣ-соҳавӣ аст.

### ҲИМОЯ

Каҷкуллоев Абдухолиқ таърихи 3-юми июни соли ҷорӣ рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Ҷанбаҳои минтақавии баландбардории самаранокии шаклҳои соҳибкории хурду миёна дар КАС- и минтақа (дар мисоли вилояти Хатлони ҶТ)" зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Низомова Тӯҳфамо Давлатовна аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақа; иқтисодиёти соҳибкорӣ) бомуваффақият дифоъ намуд.

### МУҲИМИЯТ

Инсон табиатан аз ибтидои офарид то кунун бахри қонеъ гардонидани талабу ниёзҳои худ эҳтиёҷ ба хӯрдан, пӯшидан, кор кардан, сохтан, хондан, истироҳат, маишат ва ғайра дорад.

Муҳимияти мавзӯи тадқиқотии Абдухолиқ самаранок истифода бурдани омилҳои моддӣ ва ғайримоддии рушди иқтисоди миллӣ, аз бисёр ҷиҳат, тавассути ҷалби иқтидори захиравӣ-табиии минтақаҳои мамлакат ба ҷараёни истеҳсолот муайян карда мешавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 қайд карда шудааст, ки "…Рушди минтақаҳои мамлакат муҳимтарин қисмати амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳамчун нуқтаи охири амалӣ намудани кӯшишҳои ҳукумат дар самти расидан ба ҳадафҳои муҳим: таъмини амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ва таъмини аҳолӣ ба ҷои кори сердаромад, ба шумор меравад. Айни замон бешубҳа метавон гуфт, ки соҳибкорӣ, аз он ҷумла шаклҳои хурду миёнаи он, қодиранд дар муддати хеле кӯтоҳ мушкилоти хусусигардонии иқтисодиёти минтақавиро ҳал намоянд ва дар шароити норасоии захираҳои моливӣ бозори минтақавиро рушду равнақ бахшида, ба молҳои ниёзи мардум таъмин намоянд.



### НАВГОНӢ

Навгонии илмии тадқиқоташ бошад, инкишофи қавоиди назариявӣ-методологии ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳоро дар бар мегирад. Инчунин, аз кор карда баромадани тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолияти ташкилотҳои соҳибкории хурду миёна дар КАС-и минтақа, бо дарназардошти беҳтарсозии ҷойгиркунонӣ ва кӯмакҳои суроғавӣ ба онҳо иборат аст. Навгониҳои илмии рисолаи тадқиқотӣ ҷавобгӯи талаботҳои КОА Вазорати маориф ва илми Федератсия Россия аз рӯи ихтисоси "Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти минтавӣ ва иқтисодиёти соҳибкорӣ" мебошад.

Тавсияҳои илмии тадқиқотчӣ аз ҷониби Сарраёсати кишоварзии Вилояти Хатлон қабул карда шуда, дар оянда бахри рушду инкишофи иқтисодиёти вилоят, аз он ҷумла баландбардории самаранокии соҳибкории хурду миёна дар КАС - и минтақа истифода хоҳанд шуд.

### ТАМАННИЁТ

Мо, ба муҳаққиқ, ки сарбаландона ба қуллаҳои илм расидан доранд, комёбиву саломатӣ таманно дорем. Бошад, ки Абдухолиқ рисолаи доктoриашро низ ҳимоя кунаду барои боз ҳам беҳтар шудани иқтисоди Тоҷикистон роҳҳои навро пешбинӣ кунад.

# ҲИЛЛАИ МАТЕМАТИКӢ

Дар ҷадвалҳои зерин рӯзҳои таваллуд ва моҳҳои таваллуд овар-да шудаанд. Дилхоҳ инсони сиҳибзавқ метавонад аз ин ҷадвалҳо истифода бурда, рӯз ва моҳи таваллуди шахси дилхоҳро муайян созад.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | 1 | 3 | 5 | 7 | 9 | 11 | 13 | 15 |
| | 17 | 19 | 21 | 23 | 25 | 27 | 29 | 31 |
| **2** | 2 | 3 | 6 | 7 | 10 | 11 | 14 | 15 |
| | 18 | 19 | 22 | 23 | 26 | 27 | 30 | 31 |
| **3** | 4 | 5 | 6 | 7 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| | 20 | 21 | 22 | 23 | 28 | 29 | 30 | 31 |
| **4** | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 |
| **5** | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 |

| | | |
|---|---|---|
| январ | феврал | март |
| апрел | май | июн |
| июл | август | сентябр |
| октябр | ноябр | декабр |
| январ | март | май |
| июл | сентябр | ноябр |
| феврал | апрел | июн |
| август | октябр | декабр |
| январ | май | сентябр |
| феврал | июн | октябр |
| март | июл | ноябр |
| апрел | август | декабр |



Тарзи истифодабарии ҷадвалро баён мекунем. Дар ҷадвалҳои 1-5 рӯзҳои таваллуд дар шаклҳои гуногун дода шудаанд. Шахси ташкилкунандаи фокус ин ҷадвалҳоро ба шахсе ки бояд рӯзи таваллуди онро муайян созад, пешниҳод мекунад ва он шахс дар навбати худ дар кадом ҷадвалҳо вуҷуд доштани рӯзи таваллудашро мегӯяд.

Ташкикунандаи фокус дар навбати худ рақамҳои аввали дар ҷадвалҳои ҷудонамудаи он шахсро ҷамъ намуда, дар натиҷа рӯзи таваллуди он шахсро муайян месозад.

Бо ҷадвалҳои моҳҳо низ айнан чунин амал мекунад. Хотиррасон мекунем, ки моҳи таваллуди ҳар як шахс дар ин ҷадвалҳо танҳо се маротиба такрор мешавад. Яъне, аз ҷадвалҳои ба фокус пешниҳодшуда, ки ҳатман сето мебошад, танҳо моҳи таваллуди он шахс се маротиба такрор мешаваду халос ва моҳи таваллуди он шахсро метавонем озодона муайян намоем. Мисол, рӯз ва моҳи таваллуди ман 24-уми октябр мебошад. Рақами 24 танҳо дар ҷадвалҳои 4 ва 5 вуҷуд дорад, ки суммаи рақамҳои аввали ин ҷадвалҳо ба 24 баробар аст, ки рӯзи таваллуди ман мебошад. Дар ҷадвали моҳҳо бошад, октябр танҳо дар ҷадвалҳои 4, 8 ва 10 вуҷуд, ки танҳо моҳи октябр дар ин ҷадвалҳо се бор такрор мешаваду халос ва он моҳи таваллуди ман мебошад.



*Сулаймон МАВЛОНОВ,*
*тартибдиҳанда, ассистенти кафедраи риёзӣ-табиатшиносӣ ва методикаи таълими онҳо*

*Дарахти хирад пирияст, эй бародар,*
*Дарахти аён асту бораш ниҳон аст.* *Носири Хусрав*



# ЧТО ТАКОЕ "ПАРНИКОВЫЙ ЭФФЕКТ"?

Обычно для объяснения этого понимают так называемы "парниковый эффект".- Суть его состоит в следующем: Земля получает энергию от Солнца в видимой части спектра, а сама, будучи куда более холодным телом, изучает в космическое пространство главным образом инфракрасные лучи.

Однако многие содержащиеся в её атмосфере газы - водяной пар, углекислота, метан, окислы азота и т. д. - прозрачны для видимых лучей, но активно поглощают инфракрасные, удерживая тем самым в атмосфере часть тепла, которое те должны были бы унести в космос.

"Парниковый эффект"возник не сегодня - он существовал с тех пор, как наша планета обзавелась атмосферой, и без него температура приземных слоев этой атмосферы были бы в среднем градусов на тридцать ниже реально наблюдаемой. Однако в последние векполтора содержание некоторых "парниковых"газов в атмосфере очень сильно выросло: углекислоты - более чем на треть, метана - в 2,5 раза. Появились и новые, ранее просто не существовавшие вещества с "парниковым"спектром поглощения - прежде всего хлор - и фторуглеводороды, в том числе пресловутые фреоны. Сам собой напрашивается вывод о связи между этими двумя процессами. Тем более, что причину быстрого роста количества"парниковых"газовтоже долго искать не надо - вся нашацивилизация, от костров первобытных охотников до современных газовых плит и автомобилей зиждётся на быстром окислении соединений углерода, конечным продуктом которых и является $CO_2$. С деятельностью человека связан и рост содержания метана (рисовые поля, скот, утечки из скважин и газопроводов) и окислов азота, не говоря уж о хлорорганике. Пожалуй, только на содержание водяного пара в атмосфере человек ещё не оказывает заметного прямого влияния.

По мнению Капицы, исследователи, которые вроде бы установили, что в прошлом чем больше было углекислоты в земной атмосфере, а значит, жарче климат, перевернули все с ног на голову, поменяли местами причину и следствие. Не повышенное содержание $CO_2$ в атмосфере приводило к потеплению, а в результате потепления происходил выброс в атмосферу гигантских объемов углекислого газа заметьте, без всякого человеческого участия. 95 процентов $CO_2$ растворено в мировом океане.

Земная атмосфера и взаимодействующие с ней поверхность суши и верхние слои океана представляет собой сложнейшую комбинацию из множества разнородных и разномасштабных, но тесно связанных друг с другом процессов и механизмов, и резкий сдвиг какого либо параметра, прежде всего, увеличит нестабильность в его работе.

Так и с климатом сравнительно небольшое изменение средних температур будет сопровождаться резким увеличением их отклонений в обе стороны. Меняются не столько средние величины, сколько отклонения от них. Возможные последствия этой раскатки как экологические, так и чисто экономические таковы, что на их фоне никакие предпологаемые расходы на снижение выбросов не покажутся чрезмерными.

Достаточно толщам воды прогреться на полградуса и океан "выдохнёт"углекислоту. Извержения вулканов и лесные пожары тоже вносият существенный вкладв накачивание земной атмосферы $CO_2$.При всех издержках промышленного прогресса выброс тепличных газов из труб заводов и теплоэлектростанций не превышает нескольких процентов от общего оборота углекислоты в природе.



Оснавной причиной потепления является выброс "парниковых газов", получаемых в результате работы теплоэнергетических станций.

*С 1950 года выбросы в атмосферу двуокиси углерода в пять раз сильнее повляли на рост средней температуры, чем солнечная активность. Содержание $CO_2$ в атмосфере в наши дни на треть выще, чем в 1750 году.

*Современное содержание $CO_2$ выше, чем когда либо за последние 420 тисяч лет, и возможно, даже за последние 20 миллионов лет.

*Рост концентрации $CO_2$ за последние 20 лет на две трети вызван использованием в качестве топлива органических ископаемых. Еще на треть он объясняется изменениями в землепользовании, особенно вырубкой лесов.

*Консентрация метана выросла в 2,5 раза с 1750 года,а закиси азота на 16 %.

Моделирование климатических процессов показывает, что концентрация "парниковых" газов приведёт к прогреванию земной поверхности в среднем на 1,5 - 4,5 0С. Значительные разногласия возникают по вопросу о том, как такое потепление будет влиять на облачность и как это отразится на распространении солнечной радиации. Однако саму возможность потепления никто не отрицает. На первый вгляд потепление кажется умеренным. Однако рост температуры воздуха на 4,5 - 5,5 0С выше её пиков, достигающих 38 0С, может оказаться катастрофическим. Более того, такое потепление вызовет таяние горных ледников и полярных льдов, достаточное для подниятия уровня мирового океана на 1,5 м. Это приведет к затоплению и гораздо большей подверженности обширных прибрежных зон влиянию штормов, т.е. заставит людей покинуть обжитые места и мигрировать вглуб суши.

Влияние глобального потепления на осадки и сельское хозяйство, вероятно, окажется ещё более сильным. Различная температура на полюсах и экваторе основная движущая сила циркуляции атмосферы. Более сылное потепление на полюсах приведёт к ослаблению циркуляции. Это изменит картину циркуляции атмосферы, а значит, и распределение осадков.

Выбросы "парниковых газов" продалжают нагревать атмосферу Земли, но некоторые типы аэрозолей способствуют её охлаждению. Очевидно, что эти два фактора связаны с деятельностью человека, но естественные причины, такие, как извержения вулканов и перемены в солнечной активносты, тоже оказывают свое, пуст и не слишком значительное, влияние.

К серьезным переменам климата приводят космические факторы. Температуру меняют колебания солнечной активности, а также изменения наклона земной оси, периода обращения нашей планеты. Такого рода флуктуации в прошлом, как известно, проводили к наступлению ледниковых периодов. Повышение среднегодовой температуры в переделах одного градуса за столетие, не приведёт к фатальным последствиям. По крайней мере, в XX1 веке климатические катализмы человечеству не грозят.



*Аъзамджон САФАРОВ,*
*преподователь кафедры финансы и кредит*

## Минбари САРМУҲАРРИР



*Ҷаҳонгир РУСТАМ*

# БАХШИДАН

Имрӯз хеле мавзӯъҳое ҳаст, ки моро ба фикр кардан водор мекунад. Шояд мо каме хато кунем, аммо бояд гӯем, ки баъзе одатҳои мо тамоман ғалату нодурусту нодаркоранд. Мо, бояд ба баъзе одатҳо ва рафтору кирдори худ, ки аз гузаштагон ба мерос мондаанд, таҷдиди назар намоем. Байте низ ҳаст, ки:

***Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,***
***То ба охир меравад девор кач.***

Он одати баде, ки аз хурдӣ зери таъсири оила дар хуну устухони мо ҷо гирифтааст, аз ӯ дур шудан хеле мушкил аст.

Мавзӯи имрӯзаи мо "Бахшидан" мебошад. Гарчанде, ки дар ашъори адибону гузаштагонамон бахшиданро дуруст шуморидаанд, аммо мо ба ин каме муқобилем. Ҳаёти имрӯзаи мо собит намуда истодааст, ки дар 99 маврид бахшидан гуноҳ ҳасту халос.

Масалан, як донишҷӯи бесаводу аблаҳ, ки на китоб мехонаду на илм дораду на мақсади хондан, мо омӯзгорон ба ӯ чӣ кор мекунем? Албатта, ӯро мебахшем, зеро мо муаллим-дия. Мегӯянд муаллим бояд меҳрубон бошад, шогирдонашро бубахшад, аммо боре фикр кардаем, ки ин бахшиданҳои мо бар зарари ҳамон донишҷӯи бесавод аст. Агар мо ӯро набахшему то ба охир барои рӯ оварданаш ба китоб истодагарӣ намоем, нуран алонур мешавад, аммо муҳаббату меҳрубонии нодаркори мо боиси бадбахтии он донишҷӯ хоҳад гашт.

Ғайр аз ин, дар давоми 26 соли истиқлолият зиёда аз 10 маротиба маҳбусон мавриди авф қарор гирифтанд, аммо натиҷааш чӣ шуд? Баъди 1 ҳафтаи озодӣ қасмати зиёдаш бо такрори ҷиноят ба зиндон баргаштанд. Оне, ки 1 бору 2 бору 3 бор бахшида шуду ислоҳ нашуд, чӣ даркор ӯро бахшидан? Бовар кунед, ин гуна инсонҳоро бахшидан ҷуз гуноҳ чизи дигар нест. Онҳо як махлуқи зараррасон шудаанд, ки илоҷашон танҳо дар безарар ва ё фалаҷ кардани онҳост.

Инчунин, як авбош бесабаб ва ё бо супориши кадом хоҷаи ҳасудаш моро латукӯб мекунаду мо ӯро ба суд медиҳем. Ҳам суд, ҳам адвокат, ҳам садҳо хешу таборат дар поят кашол мешаванд, ки ӯ ҷавон асту ӯро бубахш. Мо, мардуми сода он аблаҳро, ки даҳону биниамонро шикастааст, мебахшем. О рафиқон, чаро мо мебахшем? Дар ҳоле ки ӯ ба бахшидани мо ислоҳ намешавад ва ба такрори ҷинояташ боварии комил ҳаст.

Саъдии бузург, муаллими ахлоқ хеле хуб фармудааст:

***Бо бадон бад бошу бо некон накӯ,***
***Ҷойи гул гул бошу ҷойи хор хор.***

"Ҷавоби аҳмақ сукут" гуфтани фолклорамон ҷуз тарсуӣ ва тарбияи ғуломӣ чизе беш нест. Бо бад хубӣ нашояд. Бадро ҳатман сазояш бад аст. Ҳамеша қимати инсон дар дасти худи ӯст ва ин қиматро бояд пайваста ҳифз намояд, то касе натавонад ба обирӯи ӯ бозӣ кунад. Мо, фикр мекунем, ки ҷавҳари инсон танҳо шараф ҳасту бас. Шахсе, ки шараф надорад, ӯро комил ва инсони дуруст гуфта наметавонем, аммо ҳамин бахшиданҳои мо боиси нест шудани шарафи мо хоҳанд шуд. На ҳар кас арзиши бахшиданро дорад. Як инсони донишманд ва равшанфикрро бахшидан мумкин, аммо чӣ даркор ҳар галуву ҷинояткору ҷавони ифротиро бахшидан? Бахшидан албатта амали хуб аст, аммо касеро бояд бахшид, ки арзандаи бахшидан бошад.

Ин андешаи шахсии камина аст ва даъвои онро надорем, ки сухани моро дуруст бипазиред ва ё бар сари касе низ бор карданӣ нестем. Қазоват танҳо дар тафаккури солими хонанда ҳаст. Ё бо мо розӣ мешавед ё зид, ин ҳаққи Шумост!

*Ҳар киро чашми ақл кӯр бувад,*
*Набувад одамӣ, сутур бувад.* *Абулмаҷди Саноӣ*

Анвори дониш
№9 (261) 30 октябри 2017

# ЧАРО ИНСОНҲО БАД МЕШАВАНД?

*Дар ин олам инсонҳо хеле зиёданд ва ҳар кадомашон бо хислату рафтор ва муносибату амал аз ҳам фарқ доранд. Ба гуфти шоири тавонои тоҷик шодравон Лоиқ Шералӣ дар дунё инсонҳои хуб хеле каманд, аммо инсонҳои бад шумораашон ҳадду канор надорад.*

*Ин модари даҳр оқилон кам зояд,*
*Ҳар лаҳза шумори нокасон афзояд,*
*Аз ҷумлаи Фирдавсӣ кам ояд ба замин,*
*Аз ҷумлаи Маҳмуд ҳазорон ояд.*

*Мо пайваста бар ин андешаем, ки чаро инсонҳо бад мешаванд. Ин савол моро мудом азият медиҳад ва ҷавобаш бароямон чун муаммост. Аз ин рӯ, хостем аз чанд соҳибназар ба саволи "Чаро инсонҳо бад мешаванд?" пурсон шавем, то каме ҳам бошад, ҷавоби ин савол барои мо равшан гардад.*



***Қурбоналӣ МИРЗОЕВ, мутахассиси раёсати таълим.***

Аз нигоҳи ман ба бадшавии одамон бештар ҳамнишинони бадахлоқ, бадрафтор, дурушт-сухан ва бадзабон сабаб мешаванд. Агар дар муҳите, ки таълиму тарбия ва муоширати одамон ба ҳамдигар хуб набошад, одамон ахлоқан бад мешаванд. Муҳити оила низ сабаби бадшавии одамон шуда метавонад. Агар дар оила таълиму тарбия, муоширати падару модар, бародару хоҳар байни ҳамдигар хуб бошад, ҳеҷ гоҳ одамон бад намешаванд. Дар ин масъала муоширати падару модар нақши асосӣ дорад. Барои ҳамин, аз синни хӯрдӣ бояд бо фарзандон муомилаи хуб намуда, онҳоро дар роҳи рост тарбия намоем, чунки дар оянда одами хуб шаванд.

***...Дарахте, ки талх***
***аст ӯро сиришт,***
***Гараш дарнишонӣ***
***ба боғи биҳишт***
***В-ар аз ҷӯйи хулдаш***
***ба ҳангоми об***
***Ба бех ангабин резию шири ноб,***
***Саранҷом гавҳар ба кор оварад,***
***Ҳамон меваи талх бор оварад.***



***Иброҳими АҲМАДХОН, мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва НКТ.***

Одамон аксари вақт ба роҳҳои нодуруст мераванд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ниҳоли ҷавонии онҳо кач ва дар ҷои номувофиқ шинонида шудааст, аммо ин ниҳолро бояд тарбият кард, чунон ки Умари Хайём мегӯяд:

***Бо душману дӯст***
***феъли некӯ некӯст,***
***Бад кай кунад он, ки***
***некияш одату хӯст.***
***Бо дӯст чу бад кунӣ,***
***шавад душмани ту,***
***Бо душман агар нек***
***кунӣ, гардад дӯст.***

Ҳар кас ки ба мо бад кунад, набояд бо бадӣ посухаш диҳем.

***Умарҷон ИСМОИЛОВ, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ.***

Адаб ба ҳусни инсон хулқи хушу гуфтори нек, рафтори ҳамидаву тавозӯъ ва хоксориро мебахшад. Одамӣ аз адаб некном мешавад. Мутаассифона, бархе одамон бад мешаванд. Одамони нек ҳаракат мекунанд, ки доимо ба мардум хизмат кунанд, некӣ кунанд, як ҷойи ноободро обод кунанд, ба ҷомеа хизмат кунанд ва бо ин восита дар ободии Ватан ва ҷомеа ҳиссагузор бошанд. Одамони бад бошанд, бо дурӯғгӯию фитнаҷӯӣ, бо набзи хуни ҳароми маккорӣ саъй ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо фитнаву кизб дар дӯстии дӯстон ҷудоӣ андохта, дӯстии онҳоро барбод диҳанд ва оқибат бо макру фиреб ранги зардшудаи он дӯстони аз ҳам ҷудошударо бо чашмони пурфиреби хеш бубинанд, тамошо кунанд ва ҳаловат баранд. Бо ин хулоса баровардан лозим аст, ки пеш аз ҳама боақлию хубии инсон аз тарбия вобастагӣ дошта, дар ҷомеа бо одамони ботарбия, олим, рӯзгордида ва одамои хуб бо чунин гурӯҳи инсоният ҳамнишинанду дар рӯзгор таҷриба меомӯзанд. Мутаассифона,одамони нек бо бадкорон ҳамнишин шуда, ба доми онҳо меафтанд ва тарбияи бад гирифта, дар зиндагӣ ҳамчун инсони бад ном мебароранд. Аз ин рӯ, беҳуда дар урфият нагуфтаанд, ки "Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ, бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ".





***Қаламнисо ДАВЛАТОВА, танзимгари факултаи молиявию иқтисодӣ***

Табиати инсонӣ чунин офарида шудааст. Ба яке феълу рафтори хуб ва ба дигаре феълу рафтори бад додааст. Дар ҷое, ки некӣ ҳаст, бадӣ ҳатман дар атрофии ӯ чарх мезанад. Баъзе инсонҳо аз бухли бисёр ба шахси наздиктарини худ бадӣ мекунад ва то мефаҳмад, ки аллакай дер шудааст. Шахсе, ки нигоҳи некбинона надорад, кинаву адоват дар дилаш ҷо кардааст, худро инсони бад ба ҷомеа муаррифӣ мекунад. Инсоне, ки аз илму дониш дур аст ва бо шахсони бемаърифат ва душвортарбия ҳамроҳ аст, ҳамеша ба кори бад машғул мешавад. Дар урфият мегӯянд: "То бад нагӯӣ, нек пеш намеояд". Хулоса, некӣ ва бадӣ ба ҳамдигар алоқаманд буда, абадӣ мемонанд.



***Хатичамо ДАМИНОВА, ҷонишини декан оид ба таълими факултаи омӯзгорӣ.***

Бадшавии одамон аз бемаърифативу бемаданиятии худи онҳо сар мезанад ва ба ҷоҳилӣ оварда мерасонад. Баъзан вақт аз ҳад зиёд ҳасад бурдан аз рақобатҳои носолими корӣ пайдо мешавад. Вақте ки дар оила ихтилофҳо ба вуҷуд меоянд, ин падида ба ҳолатҳои бади оилавӣ оварда мерасонад. Ҳар як шахс пеш аз ҳама бояд андеша кард, ки рафтораш дар оянда ба обирӯи ӯ чӣ таъсире меоварад. Андешаи оқибати бадиро имрӯз бояд кард.



***Бахтовар ҚАЛАНДАРОВ, ассистенти кафедраи журналистика.***

Ин масъала, дар орази ҷомеаи кунунӣ чун як доғест, ки ислоҳ ва ё тоза карданаш ҳатмист. Ба гуфтан меарзад, ки яке аз омили пайдо ва ё эҳёи ин масъалаи тиракунанда ин дур мондан аз муҳити адабӣ ва илмию ахлоқӣ мебошад. Чун тарбиятгароии фарзанди одамиро дар оила, ҷомеа (муҳити атроф) ва таълимгоҳ донистаанд, бе чуну чаро метавон гуфт, ки дур будан ва нодида гирифтани яке аз ин омилҳои ахлоқӣ мафкураи инсонро ба самти носолим мекашонад ва тавъам месозад, то ба як кори парешкунандаи фарҳанги инсонӣ даст занад. Омили дигаре, ки аксар ҷавонони камхондаи моро ба самти носолим мекашонад, ин барчидае аз гуфтаҳои муллоёни беҳуҷҷате мебошанд, ки аслан худашон саводи кофӣ надоранд ва ҷавонони мо гуфтаҳои эшонро асоси кори худ медонанд. Ногуфта намонад, ки адаб дар навбати худ ҳадди хешро донистан аст. Маҳз ҳамин буд, ки барномаи худшиносӣ ва хештаншиносии миллӣ то кунун дар мамлакати мо аълофаъол истифода шуда истодааст. Ман дар ин гуфтаҳои хеш боз ҳам ба гуфтаҳои яке аз мутафакирони олами ахлоқ Демокрит такя мекунам, ки гуфтааст: "Боақлӣ се нишона дорад: фикри хуб, сухани хуб ва амали хуб"

***Фируз САЙФУДДИНОВ, сардори маркази истеъдодҳои ҷавон.***

Саъдии бузургвор хеле хуб фармудааст:



***Хар ба саъй одамӣ нахоҳад шуд,***
***Гарчи дар пойи минбаре бошад.***
***В-одамиро чу тарбият***
***накунанд,***
***То ба садсолагӣ харе бошад.***

Инсон аз хӯрдӣ тарбияти нағз бояд дошта бошад. Худованд ҳеҷ инсонро бад наофаридааст, балки мо худ роҳи бадро интихоб мекунем. Оила чи гунае, ки бошад, кӯдак низ ҳамон гуна тарбият хоҳад гирифт. Бад шудани инсон аз чӣ гуна будани муҳити вай низ вобастагии зич дорад. Чун гуфтем, муҳити аввалин оила ва баъдан атрофиён мебошад. Агар кӯдак бо рафиқони бадахлоқ ҳамнишин бошаду дӯстӣ кунад, пас, хислати бад будану бад шуданро аз онҳо хоҳад омӯхт. Ин мавзӯъро мо наметавонем бо як ё ду ҷумла баён намоем, зеро бад шудани инсон сабабҳои хеле зиёд ва гуногун дорад. Ҳолатҳое мешавад, ки оила то андозае ба тарбияи хуби фарзанди хеш саҳим аст, аммо як лаҳзае ворид шудан ба муҳити бад метавонад инсонро иваз кунад.

Умуман, тарбияи нохуб дар оила, муҳити бад, ҳимнишинони бадахлоқ, рафтори бади волидайн, дар овони хӯрдсолӣ рӯбарӯ шудан ба мушкилҳои зиндагӣ ва тоб наовардан ин ҳолатҳое ҳастанд, ки инсонро ба бад шудан водор месозад.



***Далер КАРИМОВ, сардори шуъбаи кор бо ҷавонон.***

Хуб ё бад шудани рафтору кирдори инсон аз оила, ҷомеа ва муҳити атроф вобастагии калон дорад. Агар атрофиёни мо бофарҳангу бомаданият бошанд, мо дар рӯҳияи инсондӯстӣ тарбия меёбем ва агар баръакс бошад, маълум аст, ки чӣ мешавад. Мақоли халқие ҳаст, ки: "Харбуза аз харбуза ранг мегираду ҳамсоя аз ҳамсоя", ки ин дуруст аст. Инчунин, кибру ғурур низ боиси бад гардидани кирдору атфори одам мегардад. Ин ду маҳфуми барои инсон комилан нолозим ҳар лаҳза шахсиятро ба кори баде кардан нисбат ба атрофиён водор месозад.

***Нодира НАБИЕВА, омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб.***

Дар ҷомеаи мо одамони бад хеле зиёданд. Дар ниҳодашон ончунон кинаву адоват равнақу ривоҷ ёфтааст, ки ин ҳисси бадбиниро нисбат ба дигарон нишон медиҳанд. Суханчинӣ ва хабаркашӣ амалҳои инсони бад



аст. Бояд ҳар як инсон ин хислатҳои бадро аз худ дур кунад. Бадкорон аз кардаҳояшон лаззат мебаранд, чунки онҳо пастфитратанд. Одамони бофарҳанг, донишманд ва комил ҳеҷ вақт нисбат ба дигарон бадиро раво намебинанд. Ман орзу дорам, ки дар ҷомеаи мо некӯкорон зиёд гарданд.



***Алишер ЁРМАТОВ, ассистенти кафедраи гуманитарӣ ва методикаи таълими забони тоҷикӣ***

Хислати нек дар замири онҳое маскан мегузинад, ки ӯ тарбияи дуруст гирифтаасту аз илми замона бохабар аст. Хислати бад дар онҳое падидор мегардад, ки аввалан, ӯ дар оила тарбияи дуруст нагирифтааст, яъне дар хурдию аёми наврасию ҷавонӣ аҳли оила, бахусус, падару модар ва дигар калонсолони оила ба тарбияи дурусти ӯ эътибори ҷиддӣ надодаанд. Сониян, оне бад мешавад, ки тангназар ва ҳасуду бахил аст. Барору камоли дигаронро хоҳ худӣ бошаду хоҳ бегона чашми дидан надорад, дилтангу дилсард аст. Умуман, бад будану бадкории одамон вобаста ба дониш, ақл, фаросат ва дараҷаи ҷаҳони маънавии онҳо марбут аст. Одами бадро ҷаҳони бад ҳукмрон аст.



***Саодати РАҲМОНАЛӢ, ассистенти кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳӣ***

Одамон ҷузъи муҳимтарини ҷамъият ба ҳисоб рафта, пешравии ҷамъият дар натиҷаи зиддият ба вуҷуд меояд, вале ин зиддият ба маънои бад будани одамон нест, ин талаботи ҷомеаи башарист. Бад шудани одамон сабабҳои гуногун дорад. Яке барои интиқом гирифтан, дигаре аз ҳасудӣ ва бадбинӣ ба ҳамдигар бадиро раво мебинанд. Касе аз касе бадӣ мебинад, набояд ҷавобашро чун амали такроршуда баргардонад.

*Таҳияи*
***Самариддин НАБИЗОД,***
***Гулафзои ДАВЛАТ***

(Идома аз саҳ. 1)

*Дар он рӯзҳо эҳсос мешуд, ки ҳар як тоҷик дар қатори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худро азодор ҳис карда буданд ва ҳазорон нафар шахсони расмию ғайрирасмӣ чи тавассути мактуб ва чи тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба Пешвои миллат изҳори тасаллият намуданд.*

*Маъмурият ва ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинобар даргузашти нобаҳангоми бародарашон изҳори ҳамдардӣ ва тасалияти амиқ намуда, ба фарзандон, хешу табор ва пайвандонашон аз даргоҳи Худо сабри ҷамил хоҳонанд.*

*Мо, дар ин ҷо мақсад гузоштем, то чанд марсияеро ба хонанда пешниҳод кунем, то онҳо бидонанд, ки шодравон Нуриддин Раҳмон чӣ гуна шахсияте буд.*





*Рустами ВАҲҲОБ,*
*шоир, сардабири маҷаллаи адабии "Садои Шарқ"*

**БЕХАЗОНӢ**

*"Қадри одам ҳам баланд*
*аз хоксорӣ мешавад*
*Он ки қадри хок донад,*
*осмонӣ мешавад*
*Он ки қадри халқ донад,*
*ҷовидонӣ мешавад.*
*Он ки умре рӯй дорад*
*ҷониби Хизри мурод,*
*Обрӯяш бех зи оби*
*зиндагонӣ мешавад.*
*Назри осоиш бувад чун*
*изтироби аҳли дил,*
*Қатраи хуни диле муҳри*
*амонӣ мешавад.*
*Он ки бо халқи Худояш*
*меҳрубонӣ расм буд,*
*Аз Худовандаш нисори*
*меҳрубонӣ мешавад.*
*Дар ҳарими аҳли заҳмат*
*некномӣ парваранд,*
*Бенишонӣ оқибат*
*олинишонӣ мешавад.*
*Меҳргони баргзар базри*
*баҳори дигар аст,*
*Манзилаш боғу баҳори*
*бехазонӣ мешавад*

# НУРИДДИН РАҲМОН
## деҳқоне, ки ҳама дӯсташ медоштанд



***Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА, котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Мақсад аз ин навиштаҳо дар саҳифаи фейсбук ёдоварӣ аз лаҳзаҳои хотирмони ҳаёт ва фаъолияти Нуриддин Раҳмон, бародари Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, то хонандаи арҷманд каме ҳам бошад аз он меҳре, ки ман нисбати ин марди дарёдил ва саховатманд доштам воқиф гардад.

Бо амри тақдир ва иҷрои вазифаи хизматӣ дар паҳлуи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла ба ноҳияи Данғара сафарҳои зиёди корӣ доштем. Ва ҳар маротиба ҳатман дар хонаи акаи Нуриддин меҳмон мешудем ва аз меҳрубониву самимият ва суҳбатҳои хотирмонашон баҳравар мегаштем. Ҳамин суҳбатҳо, сафари якҷояамон ба Украина барои зиёрати қабри бародарашон ва махсусан ҳангоми таҳияи филми "Эмомалӣ Раҳмон: Марде аз сарнавишт", ки лаҳзаҳои аҷибу дилписанди он дар ноҳияи Данғара бо иштироки бевоситаи деҳқони асили тоҷик Нуриддин Раҳмон наворбардорӣ шудааст, маро бо ин инсони шариф хеле наздик намуд.

Акои Нуриддин (рӯҳашон шод ва ҷояшон ҷаннат бошад) қаду қомати расо, чеҳраи зебову нуронӣ доштанд ва як марди якдилу якрӯй, ҳалиму меҳрубон, самимиву меҳмоннавоз ва сахиву нексиришт буданд.

Акои Нуриддин деҳқон буданд. Деҳқоне, ки панҷ панҷааш ганҷ меофарид. Деҳқони асил, заҳматкаш ва бисёр меҳнатдӯст буданд. Тамоми ҳаёташон бо мардум буданд ва барои зиндагии шоистаи мардум заҳматҳои зиёде кашидаанд. Рушду тараққиёти соҳаи кишоварзӣ ва умуман пешрафти тамоми бахшҳои хусусӣ дар ноҳияи Данғара ба ранҷу заҳматҳои ин инсони наҷиб низ рабт дорад.

Овозаи кори неку номи некашон натанҳо дар Хатлону Бадахшон балки то Зарафшон ҳам расида буд. Ҳануз дар солҳои 70-80-уми қарни 20, овони як механизатори оддӣ буданашон мардуми ноҳияи Айнӣ дар хонаи акои Нуриддин меҳмон шудаву нону намакашонро бисёр хурдаанд, коҳу хошокашонро хеле фаровон ба Заҳматобод бурдаанд, то ки чорво дар водӣ талаф наёбад. Дар ин бора чандин маротиба аз забони мардуми Зарафшон ва нақлҳои худи Нуриддин Раҳмон шунидаам. Ҳар маротибае, ки акои Нуриддин бо ман суҳбат мекарданд, ҳатман аз кору бор ва аҳволи зиндагии мардуми минтақаи Зарафшон бо як самимияти хоса пурсон мешуданд.

Акои Нуриддин нангу номуси миллӣ доштанд ва хеле ватандӯсту меҳанпараст буданд. Ҳамон тоқии ҷоргули сарашон барҳақ рамзу намои тоҷикона дошт. Баъди суҳбат бо он кас дарҳол дарёфтан мумкин буд, ки акои Нуриддин воқеан дар оилае ба дунё омадаву тарбият ёфтаанд, ки он оила мардони сар то по бонангу баномус, бо ғайрату ҷасоратманд, ҳимматбаланду саховатманд дорад. Ба ин монанд, оилаи пур аз ҳикмат, пур аз меҳру муҳаббат ва пур аз самимияту садоқатро ман ҳануз дар ёд надорам. Нафароне, ки филми "Эмомалӣ Раҳмон: Марде аз сарнавишт"-ро дида бошанд дар хотир доранд, ки суҳбати ду бародар Эмомалӣ Раҳмон ва Нуриддин Раҳмон болои кати ҳавлии қиблагоҳашон чӣ ҷаззобияту чӣ ҳаловате дошт ва суҳбати аҷибе буд, ки то дергоҳи шаб идома ёфта буд.

Акои Нуриддин инсони хоксор, дилсуз ва меҳрубону самимӣ буданд. Касе бо ин деҳқони асилу меҳнатдӯст паҳлу ба паҳлу ранҷ бурда бошад ганҷ ба даст овардааст.

Ҷояшон ҷаннат ва рӯҳашон шод бошад акои дилбанди мо Нуриддин Раҳмон.



***Сайёфи МИЗРОБ, сардабири рӯзномаи СССР***

*Набояд рафт андар сояи*
*шахси дигар ҳаргиз,*
*Ки умре меравӣ охир*
*надида сояи худро…*
*Ғоиб Сафарзода*

Ниҳоят заминӣ буд… Ҳар нафаре, ки ӯро боре дидааст, медонад, ки рост мегӯям. Ин дар тасаввури мо-мардуми воҳимапараст чунин менамояд, ки агар бародари Шахсият бошӣ, бояд ҳатман бо карру фар, такаббуру хашму ситез роҳ гардӣ, сӯҳбати калонгирона намоӣ, бо нӯги ангушт бо одамон салом кунӣ…

Аммо ӯ баракси ин пиндори ғалати мо буд.

Ҷасоратро дӯст медошт! Бо журналистони ҳақгӯ мисли фарзанд бархӯрд мекард. Аҳмади Иброҳим ва Аслиддин Достиев сахтгӯтарин журналистони водии Кӯлобро хеле иззат мегузошт, аз матолиби танқидияшон пуштибонӣ мекард, таҳрикашон медод, ки камбуди ҷомеаро нотарсона нависанд.

Сояи Худро дошт! Ҳаргиз аз мансубият ба Шахси аввал суиистифода намекард. Ҳамонгуна ки қаблан буд, баъди соли 1992 низ бе тағйир монд: мардумӣ, оддӣ, хоксор, коргар, соҳибкасб ва хушчақчақ. Бо мардуми оддӣ менишасту соатҳо меҳандид, гӯш мекард ва гӯшаш мекарданд.

Намакпосдор буд! Маҳмадронандаи Камаз нақл мекунад, "дар даврони "союз", Данғара, ки меомадам, ҳатман акаи Нуриддинро медидам. Зеро марди саҳӣ ва дасткушоде буду ҳатман буз ё гӯсфанд мекушту зиёфат медод. Баъди оне, ки бародараш президенти ҶТ шуд, боре акаи Нуриддинро дидаму худро дур гирифтам, ба ин маънӣ, ки шояд ин ака дигар ун Ака набошад. Аммо ӯ маро дидаву бо ханда фарёд зад, "Ҳа, акаи Маҳмад, чаро хона намеоӣ?" ва маро гирифта хонааш бурду гӯсфандеро қурбонӣ намуд…".

Падари воқеӣ буд! Аксарияти соҳибмансабон фарзандонашонро танҳо аз рӯи "мансубияти курсӣ ва эҳтимолияти рушд" хонадор мекунанд, аммо акаи Нуриддин ҳама фарзандон, писарон ва духтаронро аз рӯи ишқу муҳаббат хонадор кардааст. Домодҳояш ҷумлагӣ аз хонадони оддиянд ва хеле муаддабу соҳибфарҳанг…

Оддӣ буд! Эшони Сайфиддин, 1 сокини ноҳия мегӯяд, чанд рӯз пеш тӯй доштам ва аз Ака пурсидам, ки "оё мешавад, дар фалон ресторан маърака кунам?". Зуд садри тарабхонаро ба хонааш даъват кард ва дар ҳузурам бо ӯ маслиҳат намуд, ки харҷи тӯй чанд мешаваду чӣ коре бояд кард. Баъди рафтани сарошпаз гуфт:

-Эшон, ман ба тӯят омада наметавонам, водии Раштро диданиям. Аммо ин хидмат бошад бе ибо занг зан…

…Вақте хабари шуми марги муфоҷои акаи Нуриддин расид, дар тамомии н.Данғара мардум тӯю суру хурсандиро аз пеши худ қатъ карданд. Зеро ба таъбири худи сокинон "Сутуни Данғара шикаст!" ва мардум ҷумлагӣ дар сӯги Ака нишастанд…

Фақирпарвар буд! Мӯсафеде, ки пояи тобуташро дирӯз, 08.10.2017, бар дӯш дошт, об дар чашм паст-паст нола мекард:

-Ака, баъди ту мани камбағалро кӣ нигаҳбонӣ мекунад???

Ҳамсояпарвар буд! Дар рӯзи ҷанозаи тамомии аъзои ҳукумат, вазоратхонаву руасо, аъёну ашроф ҳозир буданд, аммо ман бо чашми сар дидам, ки Иззати Мӯнискулӣ, Эшони Саймуттаҳар, эшони Ҳомид ва садҳо данғарагии қаторӣ хидмат мекарданду меҳмононро пазиро буданду намегузоштанд, ки нафаре ба масале "даст ба оби сард занад". Ин поси эҳтироми ҳаққу ҳамсояи оддӣ аз ҳамсояе буд, ки Одоби Ҳамсояпарварӣ-бузургтарин фарҳанги таоруфи миллӣ дошт…

Деҳқон буд! Мегуфт "гандум дорам, мурғу тухм дорам, асалу мева дорам. Ман зиндагиямро аз паси панҷаҳои дасти худам таъсис додаам". Заминҳои корам, боғу токзор, фермаҳои паррандапарварӣ дошт, вале заводу фабрика на. Зеро деҳқони асил буд ва то рӯзи фавт аз дасту панҷаи хеш нон хӯрд, ки чунин мартаба насиби ҳар кас намегардад…

Ҳақталош буд! Имрӯз кам касоне медонанд, ки Акаи Нуриддин сар аз соли 1977 дар чандин конфронсҳои ҳизби коммунистӣ иштирок кардаву аз ҳаққу ҳуқуқи деҳқони оддӣ пуштибонӣ менамуд ва аз соли 1981 то 1989 Узви Бюрои КМ Ҳизби коммунисти вил. Кӯлоб буд…

Бародар буд! Вақте додараш Президент интихоб шуд, ҳама, ҳатто нависандаи ин сутур низ, бовар доштем (!!!), ки тамом, ба пойтахт меояд ва ягон вазоратхона ё раёсатеро соҳиб мешавад. Аммо аз ҷояш наҷунбид! Ба касбу кор, ноҳияи файзхези Данғара ва хонаи падарӣ содиқ монд ва чун бо тақозои касб додар наметавонист ҳамеша дар ин хонадон бошад, Ака камар баставу то рӯзи фавт чароғи ин хонадонро фурӯзон нигаҳ дошт…

Муаддаб буд! Дуруст аст, ки хонадони Сарвари давлат бояд посбон дошта бошад, аммо дари Акаи Нуриддин ҳамеша боз буду дилхоҳ нафар, худиву бегона метавонист ворид ин ҳавлӣ шавад. Посбони дарбон надошт, зеро медонист дари тоҷик бояд ба рӯи ҳамсоя боз бошад!

Акаи Нуриддин… дар н.Данғара ягон нафар ӯро бо насаб ном намегирифт. Ному насабаш ҳам ин буд: Ака!!! Дар ин 3 ҳарф мардуми оддӣ чӣ қадар меҳр, муҳаббат, иззат ва эҳтиромро ҷо мекунад, танҳо дар водии Кӯлоб медонанду бас. Шуморо метавонанд Раис гӯянд, Ҳазрат гӯянд, Шеф гӯянд…, аммо АКА танҳо нафареро меноманд, ки сидқан дӯст медоранду чун узви хонадон қабул кардаанд. Акаи Нуриддин Акаи тамомии қаламрави Данғара буд, ҳаст ва хоҳад монд. Зеро ҷои ӯ абадан дар хонадон, тӯю суру маъракаи ғаму шодӣ ва қалбҳои ин мардум холист…

**PS:** Ман, ки бо ин шаҳрак пайванди хунӣ дорам, матлаби мазбурро аз номи тамомии ҳаққу ҳамсояҳо, ёру бародаронат, навиштаам, Акаи Нуриддин ва бовар дорам, арвоҳи покат ин сутурро ҳатман хоҳад шунид…

Ҷоят ҷаннату хонаи ахиратат ободу пурнур бод, АКА… Омин!

# МАЪЮБӢ МАРИЗӢ НЕСТ!



Марҷона ДОВУДОВА,
донишҷӯи соли 1-уми таълими гоибонаи факултаи иқтисод ва идора

Мутаасифона, маъюбон дар Тоҷикистон зиёданд, аз ҷумла, дар дигар давлатҳо низ онҳо мариз не, балкӣ маъюб ҳастанд. Яке аз пой дигаре аз даст ва ҳамин гуна аз дигар қисматҳои бадан танқисӣ мекашанд. Қалби онҳо ғамгин аст, чунки худро мисли дигарон эҳсос намекунанд ва ҳамин тариқ рӯҳафтода мегарданд. Баъзеашон аз зиндагӣ дилгарм шуда, ҳаёту қисматро дуст медоранд. Онҳо ҳунарҳои зиёде доранд ва бисёр ҳунарҳоро меомӯзанд. Кӯшиш мекунанд, ки камбудии худро эҳсос накунанд ва ба ин васила саҳми кӯчаки хешро бархе аз онон дар ватани худ мегузоранд.

Шояд лаҳзаҳое шавад, ки ноумед аз худ ва норозӣ аз қисмат шуда, бисёр маъюсу ғамгин гарданд, лекин сабр мекунанд ва ба даргоҳи Аллоҳи меҳрабон шукргузорӣ мекунанд. Онҳо медонанд, ки бо амри он Яздони пок чунин тақдир насибашон гаштааст. Бубинед баъзеҳоро дасти расо ва тани сиҳату ақли расо насиб шудааст, вале афсӯс, ки онҳо ба ҳар гуна роҳҳои бад меравананд, лекин ҳастанд нафарони маъюбе, ки мехоҳанд бо он дасти норасои хеш саҳми арзандаи худро дар оила ва Ватани худ гузорад.

Имрӯзҳо аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки ашхосе ёфт мешавад, ки маъюбонро таънаю маломат мекунанд ва онҳоро масхараомез луқма мепартоянд. Онҳо магар боре намеандешида бошанд, ки агар дар ҷойи он маъюб онҳо бошанд, чӣ коре мекарда бошанд? Зиндагӣ кардан мушкил аст, агар ба қадри худ ва ба қадри дигарон нарасӣ. Агар ба қадри дигарон нарасӣ, аз назари Худованд низ ту инсони разил ва паст шумурда мешавӣ. Маъюбе мегӯяд, ки шояд Аллоҳ ба ман ҳеҷ нуқсон намедод, шояд ман ҳам мисли дигарон кӯшиш мекардам, ки аз уҳдаи ҳама ҳунарҳои дунё бохабар шуда, меҳнат мекардам. Бо вуҷуди ин ҳама, кӯшиш мекунам, ки каме ҳам бошад ба ҷомеа саҳми кӯчаки хешро гузорам.

Дар ҳаёт вақте ин гуна инсонҳоро мебинам, қалбам бисёр ғамгин мешавад ва дарҳол дилам танг шуда, фикри маъюбонро мекунам, ки онҳо чӣ гуна ба ин ғам тоб меоваранд? Ранҷи хешро ба ҳеҷ кас намегӯянд. Шояд лаҳзае расад, ки бархе аз онҳо солиму сиҳатманд гарданду хурсанду хушбахт зиндагӣ кунанд.

Аслан, мо дар дунёе зиндагӣ мекунем, ки пастиҳою баландиҳо ва нишебу фарозҳои бешуморе дорад. Лаҳзаҳое мешавад, ки як ғаму ранҷе дар қалбат ҷо мешавад ва мехоҳӣ ба зудӣ аз он ранҷ раҳо ёбӣ. Маъюбон бошанд, он ранҷро дар худ пинҳон мекунанд ва аз дохили қалби хеш месӯзанд ва касе аз ин огаҳ намегардад. Ҳарчанд онҳо мехоҳанд, ки хурсандона умр ба сар бубаранд, аммо дар чеҳраи онҳо дард эҳсос мегардад. Агар маъюберо дар кӯча мебинед, бо ӯ мисли рафиқу дӯст муносибат кунед ва аз ҳоли қалбаш пурсону хабардор шавед! Рози қалбашонро шунавед ва агар имконияте доред кӯмакашон расонед.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маъюбону бепарасторон ҳамеша таваҷҷӯҳ зоир намуда, ба онҳо ҳамешагӣ дасти ёрӣ дароз мекунад ва дар ҳама суханрониҳояшон бевосита таъкид бар онанд, ки маъюбон зери ғамхорию парастории давлату ҳукумат ва хусусан сарвари давлат қарор доранд.

Хулоса, хонандаи гиромӣ ва закӣ бояд мо донем, ки маъюбӣ маризӣ нест ва умуман мо бояд дар ин умри кӯтоҳ ва зудгузари хеш бо қадру манзалаи якдигар бирасем ва ҳамеша кӯмакрасону мададрасони якдигар бошем.

# МИНБАРИ



## ХОСИЯТИ ШИФОБАХШИИ ТАРБӮЗ

Тарбӯз аз ҷиҳати ҳаҷм, ранг ва навъ гуногун аст. Инчунин, намуди гӯшт, ҳаҷм тухм ва сохти берунии тӯхмаш низ ҳар хел аст, ки ба ҳама маълум мебошад. Беҳтарини тарбӯз он аст, ки агар корд расад, бо садои хоси даридараванда, гӯшташ зудшикан ва расидаи шодоби он аст.

Хӯрдани тарбӯз фишори баланди худро таскин медиҳад, ташнагиро мешиканад, пешобро меронад, балғами ширинро ба вуҷуд меорад ва дар бадан хуни рақӣ (суюқ) пайдо мекунад.

Агар онро бо сиканҷабин бихӯранд, барои зардпарвин ва дафъ кардани сафро, яъне сафроимурдор даво мебахшад. Барои ҳазм кардани ғизо мадад мерасонад. Санги гурдаро майда карда мерезонад. Агар бо шакар бихӯранд мизоҷро бошиддат хунук мегардонад, бо шир бихӯранд, бемориҳои савдоиро, ки аз серфикр, тарс, васвос, тарсончакӣ, девонагӣ ва ғайраро дармон мебахшад.

Беҳтарин вақти тановули тарбӯз байни ду таом, ки таоми аввала ҳазм шуда аз меъда фуромада бошад. Агар онро ба болои ду таом бихӯранд, хусусан ҳаво гарм бошад ва ташнагӣ ғолиб бошад, зарар дорад. Хӯрдании тарбӯз ба шахсоне, ки сардмиҷозанд, зарари ҷиддӣ дорад. Зиёни онро бо хӯрдани асал ва гулқанд ислоҳ метавон кард. Агар одамони хунукмизоҷ бихӯранд, пушти камари онҳоро заиф мегардонад, дарди буғумҳо ва ғайраро пайдо мекунад.



Мурабои ин барои дард ва варами пардаҳои деворҳои даруни сина ва сустии меъда, ки сабабаш зиёд гаштани сафрои зангории ради бошад, даво мебахшад, ҳозимаро, яъне меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва сипурҷро қувват мебахшад.

Некрӯз ОЛИМОВ,
донишҷӯи соли 5-уми факултаи химия, биология ва география

# МУАЛЛИМ КИСТ ВА ХОҲОНИ ЧИСТ?



Манучеҳр ЛАТИФОВ,
донишҷӯи соли 1-уми факултаи физика ва математика

Муаллим симои барҷастаи пур аз фарҳангу маонист. Равшанидиҳандаи насли солим, шахси барҷастаест, ки тамоми донишу заковати хешро ба кор мебарад, то ки дар миллати хеш наҷотбахшу ҳиссагузор бошад. Муаллим ҳамеша хоҳони он аст, ки шахсиятҳои имрӯзаи мо роҳи дӯрусти зиндагиро омӯзанду ҳамеша дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ тарбият ёбанд. Муаллим худ мисли шамъест, ки мехоҳад ҳамеша сӯзон бошаду ба ташнагони илм равшании ҳаёти осоиштаро аксандозӣ кунад. Ба ақидаи ман ҳамчун як ҷавон омӯзгорӣ касб нест, балки ишқ аст. Ишқест, ки ҳамеша ташнаи омӯзонидан аст.

Имрӯзҳо бисёриҳо пешаи омӯзгориро танҳо барои гузаронидани рӯзгор интихоб мекунанд, ки ин ба куллӣ ғалат аст, чунки омӯзгорӣ ишқе мебошад ки дар қалб бо самимият парвариш мeёбад.

Чунон ки устоди бузургвор Саъдӣ Шерозӣ фармудааст: "Устоди бешафқат нисбат ба ояндаи шогирд парвое надорад, ба давлат ва ҷамъият низ эътиборе надорад. Аз чунин омӯзгор ба ғайр аз зарару зиён фоидае нест".

Муаллим дар ҷодаи тарбияи шоистаи насли наврас устоди аввалин аст. Устод Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар баёни васфи устод барҳақ овардааст: "Бидон, ки ҳеҷ коре бе устод муяссар намешавад ва ҳар ки бе устод "устоди дуруст" коре кунад, бе бахра бошад".

Пешаи омӯзгорӣ аз хурдӣ дар дилам ҷой дорад. Ҳамеша хостгори он будам, ки омӯзонаму аз меҳнатам лаззати ишқи поки худро чашам. Пешаи омӯзгориро ҳамсафари аввалину охирини зиндагиям медонам.

# ЛУҚМОНИ ҲАКИМ - ПАНДДИҲАНДАИ АБАДЗИНДА



Мастонаи ШАРИФ,
донишҷӯи соли 4-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика

Луқмони Ҳаким шахси донишманд, фозил, табиб ва накӯкор ба ҳисоб меравад. Дар баъзе сарчашмаҳо ӯро шахси афсонавӣ, дар баъзе ҷойҳо канизи дарбор ба маънои хоркаш, яъне Луқмон ном мебурданд. Ман фикр мекунам, ки Луқмони Ҳаким шахси идеалӣ буд, чунки он ҳама панду андарзҳое, ки ӯ ба мо мерос гузоштааст, танҳо дар симои як оқил дида мешавад. Дар баъзе ҷойҳо ӯро пайғамбари бузурги панду ҳикмат номидаанд. Тамоми панду ҳикматҳои ӯ дорои хусусиятҳои накутарини инсонӣ мебошад. Масалан, ростиву ростқавлӣ, некию накукорӣ, меҳру муҳаббати пок, дурандешӣ, мардонагӣ, ҳақҷӯӣ, зиракӣ, устуворӣ аз масъалаҳои муҳими ҳикматҳои ӯст. Пас, саволе ба миён меояд, ки чаро Луқмони Ҳакимро ман панддиҳандаи абадзинда номидам? Чунки ҳарчанд вай дар қайди ҳаёт набошад ҳам, пандҳои накӯи ӯ нишондиҳандаи роҳи рости мост. Ҳамарӯза мо аз пандҳои ӯ ёд мекунем. Доимо кӯшиш мекунем, ки ба пандҳои додаи ӯ арзанда бошем. Пандҳои Луқмони Ҳаким бо суханони воло тасвир ёфтаанд.

Баъзе ашхос ба он ақидаанд, ки шахси накӯкору нексиришт, ростқавлу поквиҷдонро Луқмони Ҳаким гуфтан равост. Ман ҳам чунин фикр мекардам. Вақте ки дар филми Абӯалӣ ибни Сино дидам, ки Синоро Луқмони замон гуфтанд, фикр кардам, ки ҳар як шахси донандаи илми тиброр Луқмони Ҳаким мегӯянд, аммо вақте ки дар китоби "Баҳористон" ва китоби бо номи Луқмони Ҳаким хондам, фаҳмидам, ки Луқмони Ҳаким шахси ҷудогона аст. Луқмон ба ҷодаи табибӣ низ машғул будааст. Доимо кӯшиш мекард, ки мардумро аз бемориҳо наҷот диҳад ва онҳоро бо андарзҳои баҳтарини худ ба роҳи рост ҳидоят мекард. Луқмон на танҳо дар зодгоҳаш, балки дар тамоми кишварҳои дунё обрӯю иззати беандоза дошт. Фикр мекунам, ки дар ин айём шахсе нест, ки Луқмони Ҳакимро нашиносад. Аз қадим пандҳои ин шахси абадзинда вирди забони пиру барно буд. Моро мебояд, ки он ҳама андарзҳои ӯро шиори ҳамешагии худ қарор дода, пайрави хислатҳои ҳамидаи ӯ бошем.



# ДОНИШҶӮ

## ИШҚ: ТАЪСИРИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОӢ



*Мошарифи БОЙАҲМАД, донишҷӯи соли 1-уми факултаи филологияи хориҷӣ*

Инсон ҳангоми зоҳир намудани эҳсосоти манфӣ ва мусбат эмотсияҳои ҳиссиётро аз сар мегузаронад. Масалан, як мавзӯи ишқро гӯем, баъзан вақтҳо инсонро хушҳол мекунаду баъзан ғамгин. Барои ба мақсади ниҳонии худ расидан инсон аз тамоми қувваҳои худ истифода мебарад, ки аз худ изҳори қаноатмандӣ кунад. Пурмазмунии рушду нумӯи фаъолияти инсонӣ ба ҳаёти эмотсионалӣ ва ҳиссиёт вобаста мебошад. Дар ҳаёти инсон инъикос намудани олами берунаро дар мағзи сар соҳаҳои ҳиссиёт ва ё эмотсионалии шахс ташаккул медиҳад. Хусусиятҳои эмотсионалӣ ба тамоми намудҳои фаъолияти одам, махсусан ба фаъолияти маърифати ӯ нақши худро мегузорад. Дар мағзи сари инсон таъсироти олами беруна ба одам дар шакли ҳиссиёт, фикр, ҳаяҷон ва зуҳуроти ирода ифода меёбад. Равоншиносон қайд кардаанд, ки ҳиссиёт ва эмотсия чунин ҳолатҳои психикие мебошад, ки муносибати ҳиссиёти одамро ба худ нисбат ба одамони иҳотакарда ифода менамояд. Ҳиссиёт дараҷаи таъсироти ҷамъиятӣ мебошад ва танҳо дар сурати мавҷуд будани дараҷаи муайяни ақлӣ ба вуҷуд меояд ва муносибати ашё ва ҳодисотро ба талаботи олӣ ва мурoду мақсадҳои инсонӣ инъикос мекунад. Масалан, аз ҷиҳати таърихӣ ва иҷтимоӣ гирем, ҳисси муҳаббат ва ишқу рафоқат муносибатҳои муайяни байни одамонро инъикос менамояд. Ишқу муҳаббат дорои мазмуни иҷтимоӣ аст ва он метавонад вобаста ба вазъу шароите, ки шахсиятро фаро гирифтааст, ё худ ҳангоми аз сар гузаронидани реаксияҳои мухталифи ҳиссётии эмотсионалӣ зоҳир гардад. Ҳамаи ин реаксияҳои эмотсионалие мебошанд, ки тавассути онҳо ишқу муҳаббат зоҳир мегардад ва моҳияти онҳо дар мафҳуми ишқ ифода ёфтааст.

## ДУРӮҒ ОДАМРО ШАРМСОР МЕКУНАД!



*Эмомалӣ САИДЗОД, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*

Хонандаи азиз! Гарчанде ин суханҳоро бисёриҳо гуфтаанд, имрӯз, ки фурсат даст додааст, ба гуфтани ин суханҳо боз ҳушдорат медиҳам! Боз ҳам ҳушдорат медиҳам, то аз чашидани ин заҳри хонумонсӯз парҳез кунӣ!

Охир имрӯз ин падидае, ки дар рагҳои хунгарди мо ба ҷои хуни мо ҳаракат мекунад ва моро оварда ба хатоҳои бузург ба монанди хонавайронӣ дар зиндагӣ мерасонад ва зиндагии ширинамонро дар комамон талх ва лабхӯямонро парҳез аз ханда месозад, ҳамин дурӯғгӯӣ аст. Ин одати ношоям роҳи расти ҳаётамонро каҷ, зиндагии тиллоии моро вайрон ва меҳри падарро аз писар бегона месозад. Аз чӣ бошад, ки имрӯз ин одат пешбарандаи зиндагии баъзе аз роҳгумзадагон шудааст? Ҳоло наметавон ба як роҳраве гузар кард, ки ин падидаи дардовар аз он макон садо надиҳад. Наход ростгӯӣ барои мо ҳамин андоза талх шуда бошад? Наход мо ҳамин қадар роҳгумзада бошем, ки гуфтани як сухани ростро барои худ душвор шуморем? Охир беҳуда нагуфтаанд:

*Дурӯғ одамро*
*кунад бе виқор,*
*Дурӯғ одамро*
*кунад шармсор.*

Боз бо забони дароз мегӯем, ки мо мусалмонем. Агар гӯйӣ, ки сухани дурӯғро дар байни ҷомеа имрӯз нашнавам, бояд бо ду даст ҳамеша гӯшҳоятонро маҳкам кунед, вагарна дигар роҳи гурез аз ин заифии ба ҷомеа решадавонда вуҷуд надорад.

Мо, худ ҷавонем ва ман тамоми он шахсонеро, ки ҳамин ҳоло ин сатрҳоро хонда истодаанд ва ё аз забони дигар кас мешунаванд, хитоб карда мегӯям:

- Биёед худро аз ин хислати манфии дурӯғгӯӣ эмин нигоҳ дорем, то насли оянда мо низ аз ин бемории эмин бошад!

## НАҚШИ БИОЛОГИИ САФЕДАҲО ДАР ОРГАНИЗМ



*Зулфия ШАМСОВА, донишҷӯи соли 4-уми факултаи химия, биология ва география*

Дар ибтидои асри XIX дар таркиби бофтаи ҳайвонот ва растанӣ моддаҳое муқаррар шудаанд, ки вақти гарм кардан лахта мегардиданд. Ин моддаҳоро сафеда номиданд. Сафедаҳо пайвастагиҳои калонмолекулаи аз нуқтаи назарияи биологӣ муҳим ва аз ҷиҳати химиявӣ ниҳоят мураккаби калон молекула буда, аз миқдори зиёд аминокислота таркиб ёфтааст. Садҳо ва ҳазорҳо боқимондаи аминокислотаҳо бо якдигар ба воситаи банди пептиди пайваст гардида, макромолекулаи сафедаҳоро ба вуҷуд меоранд. Сафедаҳо асосан аз элементҳои C H2 O2 ва N таркиб ёфтаанд. Аксари сафедаҳо бидуни ин элементҳо боз S, P, Fe ва дигар элементҳоро низ доранд. Сафедаҳо қисми таркиби организми зинда буда, дар фаъолияти томи организм ва дар тамоми равандҳо ҳаёти он нақши муҳим доранд. Ин то андозае бузург аст, ки сафедаҳоро ҳамилони асоси ҳаёт мешуморанд. Далели ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки сафедаҳо барои ҳаёт аҳамияти хеле калон доранд.

Сад сол муқаддам Ф.Энгелс навишта буд, ки: "Ҳаёт шакли мавҷудияти ҷисмҳои сафеда мебошад. Дар ҳар ҷо, ки мо бо ҳаёт дучор меоем, мебинем, ки он ба ҷисми сафеда алоқаманд аст ва дар ҷое, ки мо ба ягон ҷисми сафеда дар ҷараёни пӯсиш набуда дучор меоем, бе истисно ба зуҳуроти ҳаёт низ дучор меоем".

То имрӯз тамоми мавҷудоти зинда ба номаълум дар асоси моддаҳои сафедагӣ фаъолият мекунанд ва ин маънои онро дорад, ки ҳаёт ва сафедаҳо ба якдигар ҳамрадифанд. Сафедаҳо ба таркиби ҳуҷайраҳо ва бофтаҳои ҳама узвҳои организми зинда аз танзими кори узвҳои гуногуни он бо воситаи гурӯҳҳои гуногуни сафедаҳо ҷараён мегирад. Масалан, гемоглабини хун интиқоли оксигенро таъмин мекунад. Дар организми одам ва ҳайвон дар зери таъсири ферментҳо (пепсин, трипсин, эрепсин ва ғайра) гидролизи сафедаҳо ба амал меоянд дар натиҷаи таъсири онҳо сафедаҳо аввал дар меъда ба пептидҳо ҷудо шуда, сипас дар рудаҳо пурра ба аминокислотаҳо таҷзия мешаванд. Аминокислотаҳои ҳосилшуда ба хун ҷабида шуда, минбаъд барои синтези сафедаҳои ин ё он узви организм истифода мешавад. Таркиби сафедаҳо аз 20 аминокислотаҳо иборат аст. Сафедаҳо дар организм вазифаҳои муҳим ва хеле гуногунро иҷро мекунанд, пеш аз ҳама онҳо асоси сохти ҳуҷайравиянд, яъне асоси масолеҳи бинокориро иҷро мекунанд. Тавре ки илми биокимиё муқаррар намудааст, ҳамаи моддаҳои органикие, ки массаи умумии одамро ташкил медиҳад, 20%-аш ба сафедаҳо рост меояд, қабати болои пӯст, мӯй ва нохунҳо пурра аз сафеда иборат аст. Ба ғайр аз ин, сафедаҳо боз вазифаи қабул кардану ба хуҷайра расонидани хабар (сигнал)-ро иҷро мекунанд. Аломатҳои ирсиро аз насл ба насл мегузаронанд. Сафедаҳо вазифаи ноқилиро низ иҷро мекунанд. Онҳо ба худ моддаҳои гуногунро пайваст намуда, аз як ҷой ба ҷои дигар бурда мерасонанд. Масалан, гемоглабини хун оксигенро дар намуди оксигемоглабин пайваст намуда, ба тамоми бофтаю узвҳо мерасонанд, инчунин CO2 - ро аз организм берун мекунанд ва организмро аз фавтидан муҳофизат мекунанд. Синтез намудани ин ё он сафедаи ҳаётан муҳим ба як гурӯҳ бемориҳо (ирсӣ, бемории қанд ва ғайра) меорад, ки илоҷи муолиҷаи ягонаи он аз ворид намудани сафедаи зарурӣ дар организм мебошад. То саъю кӯшиши олимон аз болои сирру асрори сохти баъзе сафедаҳои муҳим (гемоглабин, инсулин ва ғайра), ба олимон муяссар шуд, якчанд сафедаҳоро синтез кунанд. Яке аз ин сафедаҳо инсулин мебошад. Дар ҳолати набудани он миқдори қанд дар хун аз меъёр зиёд шуда, фаъолияти организмро халалдор мекунад. Ҳоло синтези инсулин ба роҳ монда шудааст. Молекулаи инсулин аз ду занҷири полипептидӣ иборат буда, яке аз онҳо 21 ва дигаре 30 боқимондаи аминокислота дорад. Барои ҳосил намудани яке аз ин занҷирҳои полипептидӣ 89 реаксия ва барои дигараш 138 реаксия гузаронидаанд. Дар организм сафедаҳои махсус мавҷуд аст, ки ҳангоми ба организм ворид шудани ҳар гуна вирусу бактерияҳои зараровар, онҳоро ба худ пайваст намуда, нест мекунанд. Ин гуна сафедаҳо потанҳо, ки бар зидди микроорганизмҳои касалиовар мубориза мебаранд. Ин ҳодисаро аввалин маротиба олими бузурги Рус Мечников кашф кардааст. Ин гуна сафедаҳоро подтанҳо номид.

## ҶАРО ЧУНИН АСТ?



*Саидшо УМАРЗОДА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*

**(қисса)**

Субҳи 20-уми сентябри соли ҷорӣ ҳангоми ба донишгоҳ омадан аз назди бинои ҳукумати шаҳри Кӯлоб гузаштанам, ҳодисаеро воҳӯрдам, ки воқеан табъи маро бисёр озурда кард. Воқеа чунин буд.

Модаре бо ду кӯдакаш аз назди бинои зикршуда мегузашт. Фарзандонаш тахминан яке 1,5 сола ва дигаре 3 сола ба назар менамуд. Кӯдаке, ки бо пои худаш роҳ мерафт, баногоҳ ба монеае дучор шуда, ба замин афтод. Модар ба ҷои он, ки кӯдакашро аз замин бардошта, ӯро навозиш кунад, парвое надошт. Духтаре, ки аз ман пештар роҳ мерафт, кӯдакро аз замин бардошта, либосҳояшро аз чангу хок тоза кард. Модар бар зимми ин боз кӯдакашро як шаппотӣ зада гуфт:

- Ба пешат нигоҳ кунӣ намешавад?

Гиряи кӯдак осмонҳоро фаро гирифта, дили ҳар як роҳгузарро реш-реш мекард. Модарон фарзандҳоро барои он ба дунё меоранд, ки шаппотӣ зананд ё баръакс ӯро хуб нигоҳубин кунанд?

Дар ҷомеаи имрӯза шахсонеро воҳӯрдан мумкин аст, ки аз бефарзандӣ азият мекашанд, барои фарзанд ҷонашонро фидо мекунанд, вале афсӯс, ки Худованд онҳоро аз ин неъмат маҳрум кардааст.

Бояд мо донем, ки фарзанди мо назди мо амонат аст. Пас, чаро мо нисбат ба ин амонат беэътиноӣ зоҳир менамоем, онҳоро ба ятимхонаҳо месупорем ва аз рафтори худамон шарм намедорем? Боз худамонро инсон мегӯем? Оё ин рафтори мо ба инсон будан монандӣ дорад ё не?

Ман ҳамчун як ҷавон, як падари оянда, ин ҳолатҳое, ки боиси таассуф ҳастанд, мебинаму ба худам ин саволро медиҳам: "Чаро чунин аст?!".

*Киро дар хирад рой бошад баланд,*
*Нагӯяд суханҳои носудманд.* *Низомии Ганҷавӣ*



# БО ТЕРРОРИЗМ МУБОРИЗА МЕБОЯД!



*Эмомназар ПИРНАЗАРОВ,*
*номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,*
*мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ*

Паёми имсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат аз паёмҳои солҳои гузашта фарқ дошт. Ин паём дар шароити торафт мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир махсусан терроризм ва экстримзм, инчунин шиддат гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳои олам пешниҳод гардид.

Воқеаҳои фоҷиабори дар Ироқу Сурия баамаломада сокинони сайёраро ба андешаву нигаронӣ водор намуда истодааст. Амалҳои террористию экстремистӣ ҳамагонро ҳушдор медозад, ки хомӯшу бетараф набошем ва мавқеи инсонгаронаи худро муайян кунем. Гурӯҳҳои экстремистӣ барои расидан ба мақсадҳои нопоки сиёсии худ ба амалҳои бешарафона даст зада, аз қатли кӯдакон ва занони бепаноҳ руй намегардонанд. Дар зери шиори "ҷиҳод" мехоҳанд "бемории бедаваошон"-ро ба кишварҳои дигар таҳмил созанд. Ҳамчунин, мехоҳанд, ки бо ин кирдори носолимашон дунёро дар гирдоби тарсу даҳшатҳои тасаввурнопазир нигоҳ доранд ва бо ин восила мавқеи сиёсии худро мустаҳкам намуда, соҳиби пулу мол гарданд.

Рафтори разилонаи гурӯҳҳои ҷиноятпеша барои бархе аз ҷавонони точик, ки бо гумроҳӣ ба ҳаракату гурӯҳҳои ифротгарову ситезаҷӯ, бахусус дар гурӯҳи ба ном "Давлати исломӣ" шомил шудаанд, бояд сабақи зиндагӣ гардад. Ҷавонони раҳгумзада бояд дарк намоянд, ки гурӯҳҳои манфиятҷӯ аз касодии неруву зеҳнии онҳо истифода мебаранд. Аслан ба ин амалҳои ғайриинсонӣ бояд мубориза намоем, зеро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳеҷ кадом аъмоли террористӣ новобаста аз шаклу мавкеъ ва ҳадафҳояш наметавонад қобили қабул бошад.

Шомилшавии ҷавонон ба сафи ДИИШ аз нуқтаи назари сиёсатшиносон ба чанд қисмат ҷудо мешавад: шомилшавӣ бо роҳи муҳоҷирати меҳнатӣ, ба воситаи ширкатҳои сайёҳӣ ва сомонаҳои интернетӣ. Ҷавонони кишвар бояд воқиф бошанд, ки симои аслии ДИИШ ба ислом асил ва суннатҳои он иртиботе надорад. Идеологияи ДИИШ террористию ифротӣ буда, хилофи дини мубини ислом аст.



Моро лозим аст, ки бо ҷавонон бештар кор кунем, онҳоро ба тарзи ҳаёти солим, варзиш, хештаншиносӣ, меҳанпарастӣ ва имломӯзӣ ташвиқ намоем, то ин тамоюли номатлуб пурра решакан шавад.

# БА ОМӮЗИШИ ФАННИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ "НӮЛ" НАЗАНЕД!



*Ширинҷон САФАРОВ,*
*ассистенти кафедраи мудофиаи шаҳрвандӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ*

Фикр намекардам, ки рӯзе мешавад, ки қалам мегираму дар бораи масъалае фикрҳои худро рӯи авроқи сафед дарҷ мекунам. Лекин имрӯз масъалае маро водор намудааст, ки якчанд суханеро дар бораи фанни тарбияи ҷисмонӣ гуфта бошам. Муддати 13 сол мешавад, ки дар касби пурифтихори омӯзгорӣ аз рӯи ихтисоси муаллими омодагии дифои ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонӣ кор мекунаму бадин васила зиндагиамро пеш мебарам ва намехоҳам, ки касе ин касби маро таҳқир намояд. Дар тӯли 13 соли омӯзгориам мушоҳида намудам, ки ҳамаи мардум ҳатто омӯзгорони фанҳои дигар фанни тарбияи ҷисмониро нодаркор пиндошта, омӯзгорони ин соҳаро бо қавле писанд намекунанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ чунин расм шудааст, ки фанни тарбияи ҷисмониро ҳамчун сарборӣ барои зиёд шудани соати кориашон ба омӯзгорони фанҳои дигар тақсим мекунанд ё омӯзгорон чунин мегӯянд, ки маро ҳам соатҳои фани тарбияи ҷисмониро диҳед, то мо ҳам дам гирем, ҳоло ин ки тарбияи ҷисонӣ методологияи омӯзиши ба худ хос дорад ва аз омӯзгор маҳорати баланди касбиро талаб мекунад. На ҳар як омӯзгор аз ӯҳдаи таълими дарси тарбияи ҷисмонӣ мебарояд. Агар дар фанҳои дигар аз муаллим барнома, нақшаи тақвимӣ ва нақшаи конспектӣ (ба истилоҳ нақшаи яксоатаи дарс) талаб карда шавад, аз омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ ҳам барномаи тарбияи ҷисмонӣ, нақшаи солона, нақшаи чорякӣ, нақшаи графикӣ, нақшаи тақвимӣ ва нақшаи конспектӣ талаб карда мешавад. Кадом муаллими ғайриихтисос аз ӯҳдаи тартиб додани ин нақшаҳо мебарояд. Натанҳо аз ӯҳдаи дарс додан мебаророяд, балки ҳуқуқи маънавии дарс доданин ин фанро надорад. Адабиёти илмию методӣ ба мо дастур медиҳанд, ки ҳалли мақсад ва вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ дар мактабу донишкадаҳо бо маҳорату тайёрии омӯзгор бениҳоят вобастагии калон дорад. Пас, доир ба омӯзгорони ғайриихтисосе, ки аз фанни тарбияи ҷисмонӣ дарс медиҳанд, чӣ гуфта метавонем?

Ногуфта намонад, ки дар моддаи 12-уми "Қонуни тарбияи ҷисмонӣ", "Дар бораи кӯдакон ва наврасон" доир ба фаъолияти тренерию омӯзгорӣ бо кӯдакон ва наврасон чунин оварда шудааст: "Ба фаъолияти касбии тренерию омӯзгории кӯдакон ва наврасон шахсоне иҷозат дода мешаванд, ки дорои ҳуҷҷати расмии муқарраршудаи ихтисоси "Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш"- и аз тарафи муассисаи таълимии давлатӣ додашуда ва аз аттестатсия гузашта бошанд".

Агар тарбияи ҷисмонӣ фанни нодаркор мебуд онро аз боғчаи бачагона сар карда то муассисаҳои олии касбӣ ва ҳатто дар корхонаҳои истеҳсолӣ намеомӯзониданд. Пас, маълум мешавад, ки ин фан дар ҷамъият манфиати худашро дорад ва ин дар қоидаи тарбияи ҷисмонӣ низ хуб дарҷ шудааст.

Тарбияи ҷисмонӣ-бахши таркибии маҷмӯи маданият ва як соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ буда, барои таҳкими саломатӣ, рушди ҳамаҷонибаи қобилияти ҷисмонии инсон равона гардидааст. Ё худ фанни омӯзгорӣ буда, дар инсон тавоноӣ, малака, сифатҳои ҷисмонӣ, сифатҳои ҳаракатӣ, сифатҳои шахсиро меомӯзонад. Инсонро ба меҳнат ва мудофиаи Ватан тайёр мекунад.

**Тавоноӣ** - шахсе, ки тамринро иҷро карда метавонад, тавоноӣ ном дорад.

**Малака -** дар натиҷаи такрор ба такрори як машқ ва онро ба автоматикӣ бурда расониданро малака меноманд.

**Сифатҳои ҳаракатӣ** - роҳ гаштан, давидан, ҷаҳидан, партофтан ва феҳристи сифатҳои ҳаракатӣ.

**Сифатҳои ҷисмонӣ** - қувва, тобоварӣ, суратнокӣ, ҷустуҷу, чолокӣ ва қаишӣ.

**Сифатҳои шахсӣ** - ахлоқу одоб, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, коллективизм ва ғайра.

Ҳамаи инҳо барои инсон дар натиҷаи омӯзиши фанни тарбияи ҷисмонӣ пайдо мешаванд. Паҳлӯҳои манфии ин фан дар таълиму тарбияи хонандагон, бахусус муассисахои таълимӣ мавҷуд аст, аммо ин маънои онро надорад, ки ҳама метавонад дар таълими ин фан ба истилоҳ "нӯл" халонад. Дар муассисаҳои таълимӣ ҳар пагоҳирузӣ хонандагонро пеш аз саршавии дарсҳои асосӣ дар саҳни мактаб, ё ин ки ҳар як роҳбари синф алоҳида хонандагонро ҷамъ оварда, аз 5 то 9 машқи комплесиро дар байни 15 дақиқа гимнастикаи пагоҳирӯзӣ мегузаронанд, ки хонандагон метавонанд дар ин машқ бе либоси варзишӣ иштирок намоянд. Мақсади асосии ин машғулият хонандагонро ба як интизоми муайян даровардан, ба дарс гусел кардан аст. Ё ин ки дар синфҳои ибтидоӣ ва миёна дар таълими фанҳои асосӣ, ки хонандагон бисёр мехонанд, менависанд ва фикр мекунанд, дақиқаҳои варзишӣ гузаронида мешавад. Муаллим хонандагонро хезонида, дар ҷойи ист 3-5 машқҳои умумиро дар зарфи 5 дақиқа иҷро мекунанд ва боз дарсашро идома медиҳад. Мақсади гузаронидани дақиқаҳои варзишӣ дар он аст, ки хонандагонро аз мондашавӣ боз доранд ва таёрии онҳоро ба дарс зиёд намоянд.



Агар ба консепсияи тарбия назар афканем 14-ум банди он ин тарбияи ҷисмонӣ мебошад, ки ин намуди тарбия аз бардаму солим тарбия кардани миллат иборат буда, он тавассути машғулиятҳои ҷисмонӣ дар мактабҳои таҳсиоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, мактабҳои варзишӣ, тавассути сайру тамошо дар муҳити табиат, истироҳати фаъолона ва амсоли ин иҷро карда мешавад.

Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва манфиатҳои он дар ҷомеа бузургон ва шахсони муътабар низ суханҳои хело хуб гуфтаанд. Тарбияи маданияти ҷисмонӣ - ин аввалан ғамхорӣ дар бораи саломатӣ ва ҳифзи ҳаёт чун сарвати бебаҳо, сониян - маҷмӯи корест, ки мувофиқати инкишофи ҷисмонӣ ва ҳаёти маънавиро дар фаъолияти гуногунҷабҳаи одам таъмин месозад. (В. А. Сухомлинский) Маданияти ҷисмонӣ ин муҳимтарин унсури инкишофу тарбияи ҳамаҷонибаи мутаносиби одами солим мебошад. (Н. Н. Турсунов) Бе истифодаи дурусти гигиена барои инкишофи кӯдак, беташкили дурусти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мо ягон вакт насли солим нахоҳем дошт. (А. В. Луначарский) Ҳамеша ҳаракат кардан аз муҳимтарин шартҳои солимист. (Абӯалӣ ибни Сино)

Ҳар фарди ҷомеа бояд донад, ки ҳар касеро баҳри коре сохтаанд, яъне сода карда гӯём ҳар кас кори худро бояд анҷом диҳад ва аз манманиҳои ҷоҳилонаи худ, ки гӯё аз ӯҳдаи таълими дарси тарбияи ҷисмонӣ мебароянд, даст бикашанд. Тарбияи ҷисмонӣ соҳиб ва пуштибон дорад ва ба ин разолат ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳанд. Медонам, ки каме сахт гуфтам, аммо маънои пуштибонӣ аз пешаи интихобкарда ҳамин аст. Боқӣ қазоват аз Шумост хонандаи азиз!

ТАЪЗИЯ

# ДАРГУЗАШТИ ШОҲСУТУНИ АДАБИЁТИ ТОҶИК



Гардуни бевафо боз тире аз аҷал сӯи мо андохт. Марг аз миёни мо шоҳсутуни назарияи адабиёти тоҷик, барҷастатарин донишманди тоҷик устод Худоӣ Шарифовро ба дунёи хомӯшон бурд. Худоӣ Шарифов аз нафароне буд, ки тамоми умри бобаракати худро дар роҳи рушди илми адабиёт ва тарбияи насли ин миллат, хосатан ҷавонон бахшидааст. Имрӯз натанҳо аҳли устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, балки тамоми мардуми кишвар либоси мотам ба бар карда, дар чашмони ҳар яки онҳо нишонаи ғаму маъюсӣ дида мешавад.

**Худоӣ Шарифов** (Шарифзода), доктори илмҳои филологӣ, профессор, Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон. Ӯ 25-уми июни соли 1937 дар рустои Ҷорфи ноҳияи Дарвози ВМКБ таваллуд шудааст. Соли 1961 шуъбаи забон ва адабиёти тоҷики факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кард ва дар кафедраи адабиёти тоҷик барои кор тавсия гардид. То соли 1966 ассистенти кафедраи адабиёти шӯравии тоҷик буд. Солҳои 1966-69 дар аспирантураи назди кафедраи таърихи адабиёти тоҷик таҳсил мекард. Соли 1970 дар мавзӯи "Ташаккули афкори адабии форс-тоҷик дар асрҳои X-XI" рисолаи номздӣ дифоъ намуд. То соли 1989 муаллими калон ва дотсенти ҳамин кафедра буд. Солҳои 1975-1975 ҷонишини декан ва муддате раиси Иттифоқи касаба буд. Соли 1987 дар мавзӯи "Назарияи наср дар осори форсии марҳилаи классикӣ" (асрҳои X-XV) рисолаи докторӣ дифоъ кардааст. Солҳои 1989-1993 мудири кафедраи фолклор ва методикаи таълим, солҳои 1993-97 декани факултаи филологияи тоҷик, солҳои 1993-2009 мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷик буд. Солҳои 2009-2017 мушовир ва профессори кафедраи мазкур буд. Аз соли 1979 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст. Ба рисолаи номздӣ ва доктории зиёда аз 40 унвонҷӯ роҳбарӣ кардааст.

Худоӣ Шарифзода ва пайравони мактаби илмии ӯ муҳимтарин масоили назария ва таърихи адабиёти тоҷикро ба таҳқиқ гирифтаанд. Дар ин мактаб масъалаҳои назарӣ ва амалии адабиётшиносӣ, аз қабили назария ва поэтикаи шеъри форсӣ-тоҷикӣ, назария ва таърихи таҳаввули насри форсӣ-тоҷикӣ, зиндагинома ва мероси адабии симоҳои барҷастаи адабиёти асримиёнагӣ, назарияи жанрҳо ва навъҳои адабӣ, робитаҳои адабӣ, ҷараёнҳои мазҳабиву фикрӣ ва таъсири он ба адабиёт, навоварӣ ва суннат мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. То имрӯз масъалаҳои таърихи адабиёт, афкори адабиву назарӣ, назарияи насри форсӣ-тоҷикӣ, арӯзи назарӣ ва амалии шеъри форсӣ-тоҷикӣ, таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX, рӯзгор ва осори Масъуди Саъди Салмон, Фахриддини Ироқӣ, Камоли Хуҷандӣ, Табиби Исфаҳонӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, устура, афсона, ҳикоя, рамз ва тамсилҳои ирфонӣ, робитаҳои адабии арабу аҷам, адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои миёна, таърих ва назарияи номанигорӣ, поэтикаи ғазалиёти шоирони ҷудогона, таҳаввули авзон ва таносуби вазн бо муҳтаво, маърифати адабӣ, тасвирҳои бадеӣ, исмоилия ва таъсири он ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, насри ривоятӣ ва адабӣ, достонсароӣ ва суннати эҷоди силсиладостонҳо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва ғайра аз ҷониби намояндагони мактаби адабпажӯҳии устод Худоӣ Шарифзода таҳқиқ шуда, дар ин замина мақолаҳо, осори монографӣ ва китобҳои зиёд таълиф ва мунташир шудааст. Худоӣ Шарифзода яке аз донишмандони соҳибсабк ва соҳибмактаби адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик аст, ки ҳам ба василаи парвариши шогирдони илми суханшиносӣ ва ҳам ба василаи таълифоти худ дар илми муосири тоҷик мақому манзалати хоси худро пайдо кардааст. Таълифоти арзишманди ӯ, аз қабили "Балоғат ва суханварӣ", "Каломи бадеъ", "Савти Аҷам", "Рози ҷаҳон", "Шеър ва шоир", "Озурдагон ва умедворон", "Назарияи наср", "Шоҳнома" ва шеъри замони Фирдавсӣ" дар Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон ва дигар кишварҳо баҳои баланд гирифта, теъдоде аз китобҳои эшон дар хориҷ аз кишвар ба чоп расида ва натиҷаи заҳматҳои устод бо ҷоизаҳои муътабари илмиву фарҳангӣ қадрдонӣ шудааст.

Худоӣ Шарифов дар баробари мутахассиси баландпоя ва соҳибмартаба буданаш шахси ҳалиму хоксор ва меҳрубону самимӣ низ буд. Дар кадом кору мансабе, ки ифои вазифа намуда бошад, маҳбуби дилу дида ва ифтихори ҳамкасбон буд. Устод дар давоми ҳаёти худ, бо боварӣ ва ифтихори баланд гуфтан мумкин аст, ки рисолати инсонии худро сарбаландона иҷро намуда, бо некномиву накӯкориҳо ва дуои неки пиру барно манзили охирати хешро пурнур гардонидааст.

Ҷойи устод Худоӣ Шарифов дар байни мо холист, аммо меҳру муҳаббат ва хотираи неку беғубори ин шахси сарапо ахлоқу фазилат ба беҳтарин суннатҳои инсонӣ дар ёдҳо ҷовидона боқӣ хоҳад монд, зеро:

*Зиндаву ҷовид монд, ҳар ки накуном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

Дар ин лаҳзаҳои лаболаб ғамбору ҳасратнок ба пайвандони устод Худоӣ Шарифов изҳори ҳамдардӣ намуда, ба онҳо аз даргоҳи Худованди субҳон сабри ҷамил хоҳонем.

Рӯҳат шод ва хонаи охиратат обод бод, устоди азиз!

*Ин ҷо қалами қаламкаше боз шикаст,*
*Дар умқи дилам хурӯши овоз шикаст.*
*Гӯянд, ки шуд зилзила дар кӯҳистон,*
*Як қуллаи сарбаланди Дарвоз шикаст!*
*Беҳруз ЗАБЕҲУЛЛО*

*Ҷумъахон АЛИМӢ,*
*доктори илми филология,*
*профессор,*
*Эраҷ ДАВЛАТОВ,*
*номзади илми филология,*
*Ҷаҳонгир ТЕМУРОВ,*
*саромӯзгор,*
*Шаҳбози РУСТАМШО,*
*докторант PhD,*
*Муҳаммад САИДЗОД,*
*докторанти PhD,*
*Ситораи Абдурасул,*
*докторанти PhD,*



*Хуршед МАВЛОНОВ,*
*муҳаррири шуъбаи иттилоот ва сиёсати рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»*

# ЭЪЛОН: "ВОЛИДОН ФУРӮХТА МЕШАВАНД"

Ин воқеа дар Ҷопон рух дода буд. Дар саҳифаи яке аз рӯзномаҳои Токио эълоне нашр шуд, ки чунин мазмун дошт: "Волидон фурӯхта мешаванд: падар 75-сола, модар 70-сола. Нархашон - 1000 иен, арзон намешавад!"

Одамон ин эълонро хонда, ҳайрон мешуданд: "Аҷаб замонае шудааст. Фарзандон, аллакай волидонро мефурӯшанд", - мегуфт яке ва дигаре илова менамуд: "Чӣ хел Ҳукумат ба чунин корҳо роҳ медиҳад?!" Хуллас, ин эълон шӯру валвала ва ҳангомаеро миёни мардум ба миён овард. Ҳам дар хона, ҳам дар коргоҳ ва ҳам дар кӯчаву бозор ҳама онро муҳокима менамуданд.

Ин рӯзнома ба дасти як оилаи ҷавон афтид, ки чанде пеш волидони онҳо дар садамаи нақлиётӣ ҳалок гардида буданд. Онҳо хеле андуҳгину мотамзада буданд ва ин эълони ғайриодӣ дар хусуси фурӯхта шудани волидон ба назари онҳо хеле таҳқиромез ва разилона намуд. Онҳо дигар аз фарзандон чӣ умеде дошта метавонистанд? Онҳо тасмим гирифтанд, ки ин волидони кӯҳансолро харида, парастору ғамхори онҳо хоҳанд буд.



Онҳо маблағи заруриро гирифта, ба суроғаи муқарраршуда рафтанд. Вақте ба он ҷо расиданд, кӯшки боҳашаматеро диданд, ки дорои чорбоғи зебо ва роҳравҳои гулпӯш буд. Онҳо гумон карданд, ки шояд дар эълон ягон хатое рафтааст, вале ба ҳар ҳол қарор доданд, ки тугмаи дарро пахш мекунанд. Дарро ба рӯи онҳо марде бо чеҳраи кушода боз намуд. Онҳо доир ба эълони рӯзнома ва доир ба он, ки падару модаршонро аз даст додаанду тасмими харидории он пиронсолонро гирифтаанд, қисса карданд. Ва барои нороҳат сохтани соҳибхона узрхоҳӣ карданд ва гуфтанд ки шояд барои пайдо кардани суроға сахве карда бошанд.

- Не, шумо саҳв накардаед, марҳамат дароед! Соҳибхона, ки ҳаяҷонзада буд, онҳоро ба дохили хона даъват намуд.

- Ман ҳозир завҷаамро ҷеғ мезанам. Ӯ баъди андак муддат ҳамроҳи завҷааш баргашта, ба меҳмонон чунин нақл намуд:

- Мо соҳибони ин хонаем. Ғайри ин боз моликияту сарвати зиёди дигар низ дорем. Мо фарзанд надорем ва бисёр мехостем, ки молу сарвати худро ба одамони нек супорем. Бо ин мақсад тасмим гирифтем, ки ин як эълонро дар рӯзнома нашр мекунем ва бовар доштем, ки ба он танҳо одами некдилу беғаразе, ки мавқеи бетарафӣ надорад, метавонад таваҷҷӯҳ зоҳир намояд. Рости гап, мо шубҳа доштем, ки барои чунин мол харидор пайдо мешавад. Ин тасмим барои шумо обруву нуфуз ва барои мо хушҳолии хеле зиёд хоҳад овард. Бовари комил дорем, шумо маҳз он нафароне ҳастед, ки мо комилан бо дилпурӣ метавонем ҳама дороии худро ба дастатон супорем.

- Ҷаноб, - асрори муваффақияти шумо дар чист? - пурсид хабарнигор аз соҳибкори муваффақ.

- Ман медонам, ки ин қиссаи тӯлонист, аммо агар мухтасар баён кунем?

- Мухтасар баён кардан мумкин аст... Ман метавонам бо 2 калима баён созам.

- Ҳамагӣ 2 калима? Кадоманд онҳо?

- Интихоби дуруст.

- Ва интихоби дуруст бароятон чӣ гуна даст медиҳад?

- Ин ҷо 1 калима басанда аст.

- Ҳа? Ва он кадом калима аст?

- Таҷриба!

- Аммо... шумо ин таҷрибаро чӣ гуна ҳосил мекунед?

Соҳибкор, ки аллакай бо шавқ табассум мекард, гуфт:

- Ҳамагӣ 2 калима.

- Кадом калимаҳо?

- Интихоби нодуруст...

*Ҳар киро аз ақл огоҳӣ бувад,*
*Назди ӯ ибдор гумроҳӣ бувад.* **Фаридадуни Аттор**



# ТАБОБАТ БО ГАРДИ ГУЛ ВА ГАРДҒИЗОИ ЗАНБӮРИ АСАЛ



*Орзу НОЗИМОВ, саромӯзгори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ*

Дар замони муосир мо метавонем, ки табобати 80% касалиҳоро, аз ҷумла, бемориҳои узвҳои нафаскашӣ ва бемориҳои илтиҳобро бо маҳсулоти занбӯри асал, яъне бо асал, мум, праполис, шири занбӯр, матшни молоко, заҳри занбӯр, гарди гул, перга, табобат намоем.

Бемориҳои илтиҳобӣ. Омехтаи зеринро тайёр мекунед (миқдор бо грамм):

-алтейи табобатӣ (решаҳояш) - 40:
-ширинбияи урён (решаҳояш) - 30:
-растани баландпоя (решаҳояш) - 30.

Ба 2 қошуқ омехтаи хушкимайдакарда 0,5 литр оби ҷӯшида мерезед, дар оташи паст ба муддати 10 дақиқа меҷӯшонед. 1-2 соат дам дода, соф карда, ба миқдори 1/3-1/2 ҳиссаи стакон баъди ҳар 4 соат дар мавриди бемориҳои трахеит, бронхит, илтиҳоби шушҳо менӯшед. Дар як маврид ба миқдори1/2 ҳиссаи қошуқ аз гарди гул ё гардғизо 3 маротиба дар 1 рӯз, яъне саҳар пеш аз хӯрок, нисфирӯзӣ пеш аз хӯрок, бегоҳӣ пеш аз хӯрок истеъмол менамоед.

Касалии сил. Ба миқдори 1 қошуқча гарди гулро 3 маротиба дар 1 рӯз дар мавриди касалии сили маҳдудияташ гуногун истеъмол мекунед. Барои кӯдакон вояи он то 1/3- 1/2 ҳиссаи қошуқча (вобаста аз синну сол) кам карда мешавад. Ин тавсия ба он хотир дода мешавад, ки ҳар гуна доруҳои химиявидошта, ба саломатии инсон зарар дорад, асал ё гарди гул бошад, аз гиёҳҳои табии занбӯр онро тайёр мекунанд.

Дар ин ҷо мо мисол оварда метавонем Ҷумҳурии Чин, ки тибби қадими гиёҳдармонӣ доранд. Мо метавонем дар ҷомеи муосир бо ҳар гуна доруҳои химиявӣ бо ин усули гулғизоӣ мубориза барем, то ки ҷомеаи солим ба даст орем.

Бемориҳои роҳи меъдаю рӯда. Гепатити вирусӣ. 20-30 дақиқа қабл аз хӯрокхӯрӣ ба миқдори1/2 ҳиссаи қошуқча гарди гул ва 1/2 ҳиссаи стакон маҳлули қоқу, ки дар он 1 қошуқча асал маҳлул карда шудааст, истеъмол мекунед, муддати табобат 1,5 моҳ. Сипас, 2 ҳафта танаффус мекунед ва табобатро аз нав такрор мекунед.

Гепатити бедавом. Ба миқдори 1/2 ҳиссаи қошуқча гардғизоро 2-3 маротиба дар як рӯз 30 дақиқа қабл аз хӯрокхӯрӣ дар мавриди бемории гепатити бардавом, сиррози ҷигар ва холесиститы бардавом истеъмол мекунед. Муддати табобат 2-3 моҳ. Табобат нисбатан самарабахш мегардад, агар истеъмоли гардғизо ба истеъмоли асал якҷоя карда шавад. Асалро ба миқдори 1 қошуқ 2 маротиба дар як рӯз (дар 50 мл. оби гарм маҳлул карда мешавад) 15-20 дақиқа қабл аз хӯрдани хӯрок истеъмол мекунед. Самарабахшии табобат баландтар мегардад, агар ба ғайр аз гарди гул ва асал қисми растаниҳои табобатии мувофиқ истифода бурда шаванд. Омехтаи зеринро тайёр мекунед (миқдор бо грамм):

-розиёнаи муқаррарӣ (меваҳояш) - 20;
-ҳамешабаҳор (ё худ тугмачагул) - гулҳояш - 20;
-явшони талх (алафҳояш) - 20;
-пудина лаби обӣ (баргҳояш) - 20;

3 қошуқ омехтаи хушки майдакардаро ба термос (обдони махсус) барои як ҳарорати муайян нигоҳ доштаи гармии моеи дарунаш об андохта, 0,5 литр оби ҷӯшида мерезед, 2-3 соат дам медиҳед. Ба миқдори ҳиссаи стакон 4 маротиба дар як рӯз 15-20 дақиқа қабл аз истеъмоли хӯрок дар мавриди холесистит ва гепатитӣ менӯшед. Дар як маврид ба миқдори 1/2 -2/3 ҳиссаи қошуқча гарди гул ё гардғизоро 2-3 маротиба дар як рӯз, 30 дақиқа қабл аз хӯрокхӯрӣ гардғизо истеъмол мекунанд.

Гастрит (дарди меъда) бо туршнокии паст. Омехтаи зеринро омода мекунанд (миқдор бо грамм):

-шамшергиёҳи ботлоқӣ (решаҳояш) - 20;
-афлесуни ширин (пӯстлохаш) - 20;
-вахтаи себарга (баргҳояш) - 20;
-явшони талх (алафаш) - 20;
-зарринҳазораи чатршакл (алафаш) - 20;

2-3 қошуқ омехтаи хушкимайдакардаро ба термос (обдони махсус) барои як ҳарорати муайян нигоҳ доштаи гарми моеи дарунаш об андохта ба он 0,5 литр оби ҷӯшида мерезанд. 2-3 соат дам дода, соф намуда, ба миқдори1/3 ҳиссаи стакон 3 маротиба дар як рӯз пеш аз хӯрокхӯрӣ истеъмол менамоед. Дар як маврид ба миқдори 1/2 ҳиссаи қошуқча гарди гул ё гардғизоро 3 маротиба дар як рӯз 20-30 дақиқа қабл аз таъомхурӣ истеъмол мекунед.

150 грамм асал 30 грамм гарди гул ва 1 литр обро мегиред. Асалро дар оби хунук, вале ҷӯшида, маҳлул намуда, ба он гарди гул ҳамроҳ мекунед ва дар ҳарорати хона то зоҳир гаштани нишонаҳои ферментатсия якчанд рӯз нигоҳ медоранд. Омехтаро ба миқдори 1/2 ҳиссаи стакон 3 маротиба дар як рӯз пеш аз хӯрокхӯрӣ ба муддати 1, 2, 5 моҳ дар мавриди гепатити бардавом истеъмол мекунед. Ин усули табобатро мову шумо агар дуруст ба роҳ монда тавонем, аз ҳар гуна химикатҳо худро эмин нигоҳ дошта метавонем.



# АНОР ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИИ ОН



*Ҷамшед МАҲМАДАЛИЕВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география*

Анор дарахт ё буттаест, ки навъҳои гуногун дорад. Ширин, майхуш, турш мебошад. Мизоҷи анори ширин умуман дар дараҷаи дуввум сард ва дар дараҷаи якум тар аст. Беҳтарин самараи анор ин анори ширин, бузургдона ва шодоби он аст. Дарахти анор 3 то 5 метр қад мекашад. Анор аз 3-4 солагӣ ҳосил дода, 30 то 70 сол умр мебинад. Ҳар буттаи анор аз 15 то 60 кг ҳосил медиҳад. Аз ҳар бех 3 то 7-9 тана мерӯяд. Самарааш ранги сурхи ҷигарӣ дошта, гулаш сурхи ҷиллодор, кӯзамонанд ва зангулашакл аст. Баргҳояш сабз, байзашакли нуктез, ҷиллодор ва буттааш хордор мебошад. Шукуфтанаш аз моҳи май сар шуда, то июл давом мекунад, меваааш аз 0,3 то 1 кг мешавад. Муҳлати ҷамъоварии самараи анор моҳҳои август ва сентябр мебошад. Он ба сармо тоб надорад ва аз -16 то -19 градус хунукӣ нобуд мешавад. Бинобар ба сармо тоб наовардаанаш анорро дар аввали фасли зимистон хокпӯш мекунанд. Он дар ҳар гуна хок хуб месабзад. Анорро дар бисёр мамлакатҳои дунё, аз он ҷумла дар Тоҷикистони мо дар минтақаҳои гарм парвариш мекунанд. Дар мамлакати мо бештар навъҳои сурхдона, қазоқианор, нордона, туршдона, шириндона ва қувваанор парвариш мекунанд. Қаламчаҳои анорро дар фосилаи 2-4 метр шинонидан зарур аст.

Баҳор вақти зиндашавии табиат мебошад. Дар авали ин фасл хоки бехи онро нарм бояд кард. Дар давоми нашъу намо ба ҳар бех анор 120 - 150 кг N2, 90 -100кг P, ва 50-60кг K, дода, 10-12 маротиба обёрӣ кардан лозим аст. Дар таркиби анор 8-19 %; қанд, ҷавҳари лиму, намакҳои маъданӣ, витаминҳои C; B2; Be; B15; P; A; E мебошад, ки аз кетонҳо ва сафедаҳо иборат мебошад. Дар таркиби пусташ модаҳои дабоғӣ, поли фенолҳо ва оҳан мавҷуд аст.

Анор яке аз беҳтарин меваҳои шифобахш ба ҳисоб меравад. Дар муддати зиёда аз панҷ ҳазор сол дар бораи шифобахшии анор ҳикоятҳои зиёд гуфтаанд. Мувофиқи гуфтаҳои Абӯалӣ ибни Сино ҳама гуна навъҳои анор хосияти давоӣ дошта, анори ширин дар илоҷи сулфа муфид аст. Дар тибби мардумӣ асосан мева ва шираи онро ба кор мебаранд. Инчунин, хӯрдани шарбати анор ба ҳусни бонувон зебоӣ зам мекунад. Анор ба рушду камоли тифлон кӯмак мерасонад, асабҳоро тақвият мебахшад. Анорро дар ҳама соҳаҳо истифода мебаранд. Аз ҷумла, дар саноати сабук аз меваи анор номгӯи зиёди маҳсулотҳо тайёр мекунанд. Масалан, шарбат, мураббо, паведло, нушобаҳо, инчунин дар ороиши кулчақанду шириниҳо истифода мешавад.



Бояд гуфт, ки ҳангоми истеъмоли донаҳои тару тозаи анор беҳтараш, ки онро бо тухмдонҳояш истеъмол намуд. Агар истеъмоли онҳо ба шумо маъқул набошад, пас онҳоро хоида ақаллан якчанд донаашро фурӯ баред. Дар тибби муосир шарбат ва шираи анорро ҳамчун маводи парҳезӣ барои афзудани иштиҳо ва ҳазми ғизо васеъ истифода мебаранд ва барои беморони камхун хӯрдани анорро тавсия медиҳанд. Дар Ҳиндустон шираи онро ҳамчун маводи қувватафзо истифода мебаранд.

В.М.Евенштейн тавсия медиҳад, ки ҳангоми камхунӣ онро ба меъёри 0,5-1 стакан се бор дар як рӯз 30-40 дақиқа пеш аз истеъмоли ғизо муддати 4 моҳ фармуда, 1 моҳ танаффус эълон карда, аз нав табобатро давом медиҳанд. Як қошуқи ошхӯри пусти хушку майдакардаи анорро дар зарфи сирдор андохта, ба болояш 200 мг оби ҷӯшидаистодаро рехта, дар оташи паст 10-12 дақиқа ҷӯшонида, 30 дақиқа дам дода, аз дока гузаронида, 1 қошуқи ошхӯрӣ 3-бор ҳамчун ислоҳбанд истифода баред. Гули анорро сӯхта, ба болои ҷароҳат бипошанд, ҷароҳатро ба ҳам оварда хушконида сиҳат мекунад.



*Зайналбӣ ХОЛИҚОВА, мудири кафедраи адабиёти тоҷик бо методикаи таълими он*

# НАМУНАИ БЕҲТАРИНИ ДУ ДАРСИ КУШОД

Боиси сарфарозист, ки дар факултаи филологияи тоҷик ва журналистика устодони ботаҷрибаю унвондор зиёд асту кору фаъолияти онҳо намунаи коромӯзии омӯзгорони ҷавон гардида. Аз ин ҷост, ки шогирдони хатмнамудаи ин факулта дар сохторҳои гуногун кору фаъолият намуда, нуфузи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, махсусан факултаи филологияи тоҷик ва журналистикаро дар сатҳи ҷумҳурӣ баланд бардоштаанд.

Имсол аз оғози соли таҳсил дар кафедраҳои факулта нақшаи дарсҳои кушоди омӯзгорони ботаҷриба тартиб дода шуд, ки аллакай мо шоҳиди дарсҳои кушоди номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сангов Қаюм ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Содиқов Ёралӣ гардидем.

Дар таърихи 16.10.2017 устод Сангов Қ. дар курсҳои сеюми факулта дарси кушод гузаштанд. Мавзӯи дарс - "Тайёрии муаллим ба дарс" буд. Устод оид ба мавзӯи дарс ба донишҷӯён маълумоти муфассал дода, зикр намуданд, ки муаллим бояд ҳатман нақшаи тақвимӣ-мавзӯӣ ва нақшаи яксоати дарсӣ, ки аз тарафи ҷонишини директор оид ба таълим тасдиқ карда шудааст, дошта бошад. Набояд омӯзгор танҳо ба нақшаи яксоатаи дарсӣ такя карда дарс гузарад, инчунин муаллимро зарур аст, ки вобаста ба мавзӯи дарс карточкаҳо, аёниятҳо тайёр намуда, бо тайёрии ҳаматарафа ба дарс дарояд, - зикр намуданд устод.

Дониш аз хондану омӯхтан маншаъ мегирад. Ин ба ҳама маълум аст. Устод Сангов Қ. пайваста мехонанду ба дигарон низ инро тавсия медиҳанд. Ҳар гоҳ ки бо ӯ ҳамсуҳбат шавӣ, дар хусуси ин ё он мақолаи навакак аз чоп баромадагӣ гап мезананду "хондед, ё не?" гуфта, суол мекунанд. Гапи беҳударо намепазиранд, ҳар як сонияю дақиқаро ғанимат шумурда, ҳарфашон саропо илм асту худро дар таълиму тарбияи шогирдон фидо кардааст. Дар рафти дарс низ устод ба шогирдон гаштаю баргашта супориш доданд: "Китоб хонед, мақолаҳо хонед, дуруст ва бехато навиштанро ёд гиред, баъд шумо омӯзгори хуб шуда метавонед".

Аз оғоз то анҷоми дарс устод бо як ҷиддияти ба худ хос ба дарс ва донишҷӯён муносибат карданд, ки ин хислатро, мутаассифона аксарияти омӯзгорон надоранд. Таваҷҷуҳи донишҷӯён ба дарс, фаъолнокӣ, иштироки онҳо ба дарс хуб буд. Дар маҷмӯъ дарс хеле хуб гузашт.

Дар таърихи 23.10.2017 номзади илмҳои филологӣ, дотсент Содиқов Ё. дарси кушод аз фанни "Таърихи адабиёти тоҷик" дар курсҳои чоруми факулта гузаштанд. Мавзӯи дарс "Ҳаёт ва фаъолияти Ҷалол Икромӣ" буд. Дарс аз намоиши китобҳо оғоз ёфт. Устод адабиёти зиёди вобаста ба мавзӯъ - "Намунаҳои адабиёти тоҷик", "Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик", асарҳои сегонаи Ҷалол Икромӣ - "Духтари оташ", "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро", "Тахти вожгун" ба забони русӣ ва тоҷикӣ, романи "Шодӣ", хуллас, як қатор китобҳои нодири чопи солҳои пешин ва ҳозираро ба намоиш гузошта, онҳоро ҳамчун аёният ба донишҷӯён муаррифӣ намуданд.

Дарс тариқи презентатсия ба роҳ монда шуд. Донишҷӯён дарсро хеле бодиққат гӯш мекарданд ва аз симои онҳо ҳувайдо буд, ки майлу рағбаташон нисбати дарси адабиёт хеле зиёд аст, ки ин аз дарси хуб гуфтану омӯзгори дар ҳақиқат арзанда будани устод Содиқов Ё. дарак медиҳад.

Ҳарчанд дар рафти дарс донишҷӯён ҷо-ҷо матни лексияро навишта гирифтанд, дар охир устод матни пурраи лексияро ба донишҷӯён дар ду нусха дастрас намуд, то ин ки ҳамаи донишҷӯён аз он нусхабардорӣ намоянд.

Аз дарсҳои устодон чунин бармеояд, ки на танҳо дарсҳои кушоди онҳо, балки ҳамаи дарсҳояшон бо маҳорати баланд сурат мегиранд ва донишҷӯён аз чунин дарсу чунин устод доимо розӣ ҳастанд. Ҳамаи муаллимонро лозим аст, ки аз чунин устодони кордону ботаҷриба дарси омӯзгориро омӯзанд, то дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавонон ба хатоӣ роҳ надиҳанд.

*Ғайри фаҳму ҷон, ки дар гову хар аст,*
*Одамиро ақл ҷони дигар аст.*

*Ҷалолиддини Балхӣ*



## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Боиси хурсандист, ки хонандагон ба рӯзномаи "Анвори дониш" таваҷҷӯҳи хосса доранд. Ба кроссворди шумораи гузашта 13 нафар ҷавоб пешниҳод кард, ки хеле хурсанд шудем, аммо дар мавриди ғолиб шудан бояд эҳтиёткорона қаламро ба даст гирифт. Хулоса, аз 13 нафар 4 нафар кроссвордро бехато пур кардаанд, ки инҳоянд: Маҳмадалиев Насриддин, сардори МРКИ (16.10.2017, соати 13:30), Орифов Орзу, ассистенти кафедраи забони англисӣ (16.10.2017, соати 14:08), Сафарзода Манучеҳр, муовини сардори раёсати таълим (18.10.2017, соати 8:00) ва Усмонов Маҳммадалӣ (24.10.2017, соати 14:25).

Алакай хонанда фаҳмид, ки ғолиб кист. Албатта, сардори Маркази рушди касбият ва инноватсия **МАҲМАДАЛИЕВ НАСРИДДИН**, ки аз ҳама пештар ва бехато кроссвордро пешниҳод кардааст. Орифов Орзу бошад, 38 дақиқа дер кард. Агар Орзу соати 13:29 ҷавобҳояшро пешниҳод мекард, ғолиб мешуд, аммо афсӯс, ки дар ин ҷумла "агар" аст.

Дигарон Сафаров Бахтиёр (1 хато), Ятимов Алишер (1 хато), Бобоев Парвиз (1 хато), Давлатов Эраҷ (2 хато), Ҳусейни Эмомалӣ (2 хато), Ҳакимов Абдулҳамид (2 хато), Бобохонова Дилором (4 хато), Шафоев Суҳроб (4 хато), Олимов Сайдусмон (7 хато) мебошанд.

**Хонанда азиз! Саросема нашуда, кроссвордро дуруст пур кунед ва насиби мукофот дар ҳаҷми 100 сомонӣ гардед!**




## ДИҚҚАТ!

**Хонандае, ки сари вақт ва дар мӯҳлати кӯтоҳ кроссвордро дуруст ва бехато пур карда ба идораи рӯзнома пешниҳод мекунад, бо мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 100 сомонӣ қадрдонӣ карда мешавад.**

# ТАВСИЯҲО БАРОИ ТАҚВИЯТБАХШИИ ЗЕҲН

1. Ҳар рӯз китоб ва рӯзнома хонед. Инчунин, дар давоми 20-30 дақиқа бо ягон намуди варзиш машғул шавед.
2. Вақти зиёд телевизион тамошо накунед, ки он метавонад фикратонро машғули маълумотҳои нодаркор намояд.
3. Дар як шабонарӯз давоми 6-8 соат хобед ва хобатон мувофиқи меъёр бошад. Хоби пурра гарави саломатӣ ва фикри солим аст.
4. Барои хуб шудани гардиши хун ва фаъол гардидани мағзи сар дар хуроки истеъмол мекардаатон сабзӣ, мавиз ва чормағз зарур аст.
5. Барои ҷамъ кардани тавaҷҷӯҳ моддаи холин ёрии калон мерасонад. Ин моддаи фоидабахш дар зардии тухм ва ҷигар зиёд аст. Дар зеҳн нигоҳ доштани маълумоти қабулкардаро хоҳед, маҳсулоти аз витамини В бойро истеъмол намоед.
6. Барои тақвият бахшидани серҳаракатӣ, кори муътадили мағзи сар ба организм моддаи оҳан зарур аст. Оҳан дар таркиби себи сабз, анор ва нони сиёҳ зиёд аст.
7. Бо мақсади муътадил кор кардани мағзи сар бояд дар рагҳо нуқсон набошад. Барои ба ин муваффақ шудан зиёдтар лимӯ, афлесун ва мандарин истеъмол намудан муфид аст.
8. Барои хуб кардан ва тезонидани раванди фикррони К ва Са лозим буда, онҳо дар шир ва маҳсулоти ширӣ, зардолуи хушк ва помидор зиёданд.
9. Агар ҳамарӯза тавлид шудани ғояҳои нав, хуб гардидан ва солим шудани зеҳнро хоҳед, анҷир истеъмол намоед, чунки дар таркиби анҷир моддае вуҷуд дорад, ки мағзи сарро бо 02 таъмин менамояд.
10. Зирагиёҳ бораи хуб кардани кори мағзи сар хеле фоидабахшанд. Масалан, зира ва занҷабил таваҷҷӯҳро тақвият мебахшанд. Қаланфури ширин (булғорӣ), мурч ва зарчуба гардиши хуни мағзи сарро хуб мекунад.



*Гулҷаҳон ИСОЕВА,*
*донишҷӯи соли 4-уми факултаи химия, биология ва география*




# МАЪРАКАИ ОБУНАШАВӢ-2018

Хонандагони гиромии рӯзномаи "Анвори дониш"!

Дар донишгоҳ маъракаи обунашавӣ барои соли 2018 оғоз шуд. Қимати обуна барои соли 2018 40 (чил) сомониро ташкил медиҳад. Тибқи пешниҳод миқдори обунашавандагон дар тамоми факултаҳои донишгоҳ муайян шуда, маълумоти мазкур ба дасти масъулин расидааст. Аз нафарони масъули обунашавии факултаҳо хоҳиш карда мешавад, то **10.11.2017** барои обунашавии донишҷӯён мусоидат намуда, нусхаи РАСИД (КВИТАНСИЯ)-еро, ки аз бонк мегиранд, ба идораи нашрия расонанд.

**СУРАТҲИСОБ:** Суратҳисоби намояндагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, рӯзномаи "Анвори дониш", филиали №56 БДА ҶТ "Амонатбонк"-и дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон.

МФО 350101626
КОР/СЧЕТ: 20402972316264
ИНН:180011986
**Рас/счет:№20202972801071456000**



*Бобохон ҶӮРАЕВ,*
*саромӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ*

## ГУЛ БАРИН

*Фарҳундаҷон гул барин*
*Савсану райҳон барин,*
*Ҷашмакони сиёҳаш,*
*Донаи ангур барин.*
*Овозаки ширинаш,*
*Чаҳ-чаҳи булбул барин.*
*Шеъри бисёр медонад,*
*Одами калон барин.*
*Мураббия умрӯз ҳам,*
*Гуфто: ҳазор офарин!*

## ШОНАСАРАК

*Дирӯз ба ҳавлии мо,*
*Шонасарак омада,*
*Бо либоси типтоза,*
*Худашро хуб ороста,*
*Нишаста болои бом,*
*Аз касе нотарсида.*
*Бовар кунед, бачаҳо,*
*Рост мегӯям ба шумо.*
*Атласаки танашро,*
*Сиёҳу сафедашро,*
*Тозаву шинамашро,*
*Зебандаи қадашро,*
*Ба ӯ тӯҳфа намудаст,*
*Бибиҷони хушрӯям.*

## АҶОИБОТ!

1. Нахустин тунели киштигард дар Фаронса сохта шудааст.
2. Аввалин кайҳоннаварди Ҳинд Река Шарма мебошад.
3. Вазни маймуни Горла 135-1700 кг ва қадаш 1, 75 см мебошад
4. Қади Напалсон 1,65 ва қади Медведов 1,62, Хурушёв 1,58 Сталин 1,63 будааст.
5. Саг 42 дандон дорад.
6. Аввалин лётчикзани тоҷик Ойгул Муҳаммадҷонова мебошад.
7. Ҳамсари Абулқосим Лоҳутӣ Силсилабону ном доштааст.
8. Лақаби Сталин Коба будааст.
9. Шер қариб нишони 40 давлат мебошад.
10. Аввалин мошини бензиниро Карл Бенс соли 1885 сохтааст.
11. Хатмкунандагони мактаби миёнаи Фаронсаро бакалавт мегӯянд.
12. Ғижжакнавози итолиёвӣ Паганинӣ дар қабристон машқ мекунад.



*Муҳаммадфарид НАЗАРОВ,*
*донишҷӯи соли 4-уми факултаи химия, биология ва география*

# МАВЛУД МУБОРАК!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки аз 1-уми ноябр то 15-уми ноябри солёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон ҳалолкорӣ пайваста амалӣ гардад.*

1. **РАҲМАТОВ УМЕД**, 01.11.1983, ассистенти кафедраи молия ва бонкдорӣ;
2. **НАЗАРОВ ШОДӢ**, 01.11.1993, мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва НТК;
3. **СИРОҶИДДИНИ ДАВЛАТАЛӢ**, 01.11.1991, ассистенти кафедраи методикаи таълими математика;
4. **НАСИМҶОНИ РАҶАБМАД**, 02.11.1990, ассистенти кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо;
5. **МУРОДОВ АМИРАЛӢ**, 02.11.1953, ҷонишини декан оид ба таълими ғоибонаи факултаи омӯзгорӣ;
6. **САФАРОВ САЙВАЛӢ,** 02.11.1946, муҳосиби калони шӯъбаи ҳисоб;
7. **САИДОВА МАЛИКА**, 04. 11. 1961, ассисенти кафедраи химия;
8. **ПИРАКОВА НАСИБА**, 05.11.1988, ассистенти кафедраи информатика;
9. **ХУДОЁРОВ ҚУРБОН**, 05.11.1946, муаллими калони кафедраи химия;
10. **САЙДАЛИЕВ АБДУЛАЗИЗ**, 05.11.1948, муаллими калони кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;
11. **ШЕРОВА ИДИГУЛ**, 05.11.1972, лаборанти калони кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;
12. **ИСМОИЛОВА МУБОРАК**, 06.11.1962, ассистенти кафедраи химия;
13. **ЗОКИРОВ САЙМАҲМУД**, 06.11.1989, мутахассиси барқ;
14. **ГУЛОВ РУСТАМ**, 07.11.1981, мудири шуъбаи тарбия;
15. **РАҲИМОВА САВРОНБӢ**, 08.11.1945, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони ҳозираи рус;
16. **РАҲИМОВА САРВИНОЗ**, 09.11.1992, мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва НТК;
17. **ШАРИПОВ ЗИЁВИДДИН**, 09.11.1984, ассистенти кафедраи забони хориҷии умумидонишгоҳӣ;
18. **МАҲМАДРИЗОХОНОВ АКБАР**, 10.11.1965, профессори кафедраи география;
19. **КЕНҶАЕВА ОЗОДА**, 11.11.1964, саромӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ;
20. **АСАЙНИЕВА МОҲИНА**, 11.11.1987, ассистенти кафедраи забони хориҷии умумидонишгоҳӣ;
21. **ҚУРБОНАЛИИ САИД**, 11.11.1992, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ;
22. **НАЗАРОВА РУХШОНА**., 12.11.81, ассистенти кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ;
23. **ҚУРБОНОВ НЕКРӮЗ**, 13.11.1992, ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг;
24. **АМИРОВ ФАЙЗУЛЛОХУҶА**, 13.11.1965, мудири кафедраи мудофиаи шаҳрвандӣ;
25. **ШАМШОДИ ҶАМШЕД**, 14.11.1993, ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик;
26. **РАФИЕВ САФАРХОН**, 14.11.1983, мудири кафедраи илмҳои компютерӣ;
27. **АРБОБОВ ҶАМОЛИДДИН**, 15.11.1960, посбон;

***ЗОДРӮЗ МУБОРАК, ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!***



## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2016 ба донишҷӯи соли 2-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ (шуъбаи ғоибона) Эмомова Оламбӣ додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

X X X

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2016 ба донишҷӯи соли 2-юми факултаи иқтисод ва идораи (шуъбаи рӯзона) Фирӯзи Ҳасанхон додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир РУСТАМ

Котиби масъул:
Эраҷ ДАВЛАТОВ

Хабарнигорони ихтиёрӣ:
Самариддин НАБИЕВ
Гулафзо ДАВЛАТОВА

Мушовирон:
Абдулло Ҳабибулло (профессор),
С.К. Каримов (академик),
М.О. Иботов (профессор),
Ҷумъахон Алимӣ (профессор),
С.С. Холиқов (н.и.к.),
Ш.З. Худойдодова (н.и.ф.),
Д.Л. Сайдахмадова (н.и.п),
М.Х. Абдуллоев (профессор),
С.С Мирзоев (профессор),
Б. Ҷӯраев (м.к.)

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Саҳифабанд:
Бахриддин САНГИМАДОВ

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" бо теъдоди 2500 ба табъ расидааст.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

Нишонӣ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj

Телефон:
Корӣ: (83322) 3- 31- 15
Мобилӣ: 918-13-99-68; 985 87 80 60